35 - солагии ИСТИҚЛОЛ муборак!

# ТОҶИКИСТОН

№ 36 (1700), 9.09.26

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост!






## ДАР ИН ШУМОРА:

**САЙДАМИР ЗУҲУРОВ**
Аз хатари Хусдеҳ то гаравгонгирӣ с.3

**ТАЛБАК НАЗАРОВ**
Сулҳ иродаи сиёсии Президент буд с.4

**ГУЛ ШЕРАЛӢ**
Аз вобастагӣ ба худкифоӣ с.6

**ҚОЗИДАВЛАТ ҚОИМДОДОВ**
Аз гаҳворачунбонӣ то таҳдид с.7

**РАМАЗОН МИРЗОЕВ**
Ман шоҳиди ҳол будам с.8

**АБДУҶАББОР РАҲМОНЗОДА**
Корномаи сулҳ дар оинаи як китоб с.9

**АБДУРАҲИМ РАҶАБОВ**
Дарахте, ки меваи ширин дод с.11

**ҶАМШЕД МУРТАЗОЗОДА**
Сулҳе, ки бо ҳосили ҷасорат аст с.11

# ХУШАҲОЕ, КИ ХИРМАН ШУДАНД



*Шариф ҲАМДАМПУР, сармуҳаррири ҳафтаномаи «Тоҷикистон»*




Солҳо мегузаранд. Рӯйдодҳо аз нигоҳи мо дур мешаванд. Баъзе ҷузъиёти онҳо аз хотираҳо пок мегарданд, бархе воқеаҳо бо гузашти вақт ранги дигар мегиранд. Аммо таърих ҳақ дорад, ки онро на танҳо аз рӯйи санад, балки аз забони онҳое бишнавад, ки шоҳиди ҳол буданд, Президентро ҳамсафарӣ мекарданд ва масъулияти он рӯзҳоро бар дӯш доштанд.

Мақолаҳое, ки пешкаши хонанда мегарданд, бар асоси суҳбатҳо бо шахсоне омода шудаанд, ки солҳои зиёд дар паҳлуи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолият кардаанд, бо ӯ ба сафарҳои душвору сарнавиштсоз рафтаанд, дар музокироти сулҳ ширкат варзидаанд, дар рӯзҳои бисёр вазнини давлатдорӣ масъулият бар дӯш доштаанд ва шахсияти ӯро на аз дур, балки аз наздик мешиносанд.

Онҳо шабҳои музокироти тӯлониро дидаанд, сафарҳои хатарнокро аз сар гузаронидаанд, лаҳзаҳое буданд, ки сарнавишти як мулоқот, як қарор ё ҳатто як ҷумла метавонист ба роҳи минбаъдаи кишвар таъсир расонад.

Баъзе аз онҳо дар ҳайатҳои музокиракунандаи Ҳукумат буданд. Баъзеҳо дар хориҷи кишвар ҳамчун дипломат фаъолият доштанд. Дигарон дар масъалаҳои амният, иқтисод, энергетика ва давлатсозӣ паҳлу ба паҳлу бо Сарвари давлат кор мекарданд.

Ҳар суҳбат як дари дигар ба сӯйи таърих боз мекард. Ман мекӯшидам ҷузъиётро фаҳмам. Ҳамон лаҳзаеро, ки танҳо шахси ҳузурдошта медонад. Ҳамон ҷумлаеро, ки дар толори музокирот гуфта шуд. Ҳамон соати шабро, ки ҳама аз хастагӣ монда буданд, вале ҳанӯз созиш ба даст наомада буд. Ҳамон сафари хавфнокро, ки имкони бозгашт вуҷуд дошт, аммо роҳ идома ёфт. Ҳамон вохӯриро, ки рӯ ба рӯ бо мухолиф ё гурӯҳи мусаллаҳ сурат гирифт.

Зеро таърихи воқеӣ маҳз бо чунин ҷузъиёт зинда мешавад.

Дар ҷараёни ин суҳбатҳо ман боз ба як андеша расидам, ки сулҳи Тоҷикистонро бо санаи 27-уми июни соли 1997 маҳдуд кардан дуруст нест. Он рӯз самари як роҳи тӯлонӣ буд.

Шахсоне, ки ман бо онҳо суҳбат кардам, ҳар кадом аз дидгоҳи худ ин роҳро дидаанд. Яке аз шаби музокироти Маскав мегӯяд. Дигаре аз рӯзҳои Хуҷанд ва Душанбе. Сеюмӣ аз Хусдеҳ, Хоруғ ё Мурғоб ёд мекунад. Яке бозгашти гурезаҳоро ба хотир меорад, дигаре аз сохтмони нерӯгоҳ, роҳ, нақб ё аз музокироти иқтисодӣ дар хориҷи кишвар.

Ҳангоми дар канори ҳам гузоштани ин хотираҳо як манзараи умумӣ шакл мегирад: роҳи давлате, ки аввал бояд аз вартаи ҷанг берун меомад, баъд худро аз нав месохт.

Зимнан, дар ин суҳбатҳо сухан танҳо аз рӯйдодҳои гузашта намеравад. Ҳамсуҳбатон ба китоби «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» низ баҳо медиҳанд, аз нақши он дар бозгӯии корномаи роҳбари давлат, аҳаммияти он барои насли имрӯз ва зарурати хондани чунин асарҳо сухан мегӯянд.

Дар ин муддат ман дар сафарҳо будам, рӯйдодҳоро мушоҳида кардам, бо одамон суҳбат намудам, хотираҳоро сабт кардам, санадҳоро ҷамъ овардам, баъзе воқеаҳоро худ дидам ва баъзе дигарро аз забони иштирокдорони бевосита шунидам. Солҳо ин пораҳо мисли донаҳои парокандаи як тасвири бузург дар дафтарҳо, ёддоштҳо, хотираҳо ва зеҳни ман ҷамъ мешуданд. Баъзе воқеаҳоро ҳамон рӯз сабт карда будам. Баъзеи дигарро баъди солҳо аз нав барқарор кардам.

Аз ҳамин ҷиҳат, ин китоб барои ман ҳосили беш аз ду даҳсолаи фаъолияти рӯзноманигорӣ, мушоҳида, ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии хотираҳои зиндаи таърих аст.

Ин шаҳодатҳо барои ман пеш аз ҳама аз он ҷиҳат арзиш доранд, ки онҳо сухани одамони аз воқеа дур нестанд. Онҳо сухани инсонҳое ҳастанд, ки баъзан худ дар қабули қарор, иҷрои он ё ҳалли паёмадҳои он иштирок доштанд.

Албатта, ҳар шоҳид воқеаро аз дидгоҳи худ мебинад. Хотира низ хусусияти инсонӣ дорад. Аммо вақте хотираҳои шахсони гуногун дар паҳлуи ҳам қарор мегиранд, санадҳо бо онҳо муқоиса мешаванд ва манзараҳои як давра пай дар пай зинда мегарданд, барои хонанда имкони беҳтари дарки таърих фароҳам меояд.

Ин силсилаи мақолаҳо идомаи ҳамон ҷустуҷӯест, ки маро солҳо боз ба навиштани китоби «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» водор мекард.

Ман мехостам бифаҳмам ва ба хонанда нишон диҳам: сулҳ чӣ гуна ба даст омад? Дар паси қарорҳои бузург чӣ воқеаҳо буданд? Кадом роҳҳо тай шуданд? Кӣ дар он рӯзҳо чӣ дид? Ва роҳбари давлат дар лаҳзаҳои ҳассосу хатарнок чӣ гуна тасмим мегирифт?

Шояд рисолати рӯзноманигор низ ҳамин бошад: он чиро, ки имрӯз шоҳидон мегӯянд, ба хотираи фардои миллат табдил диҳад.

## САРИ САБЗ



**Адаш ИСТАД, адиб ва рӯзноманигор**

**- Мутафаккирону адибони бузург аслан танҳо буданд: то вақте пул доштанд, атрофашон одам зиёд буд, зиёфат меҳӯрданду баъд мегурехтанд. Ҷек Лондон барои дӯстонаш як қаср сохт ва ҳамон дӯстонаш қасрашро оташ заданд.**

*- Ташвиши шумои муҳтарам барои чӣ бошад, устоди азиз? Мабодо шумо ҳам барои дӯстонатон ягон қаср насохта бошед? Зеро, мегӯянд, ки “таърих такрор мешавад”. Шояд миёни дӯстони шумо ҳам мегурехтагиҳо бошанд.*



**Гулноза ХОҶАЕВА, барандаи телевизион ва блогер**

**- Шинохта шудан ба ман имкон медиҳад, ки дар “Инстаграм” чун блогер фаъолият намоям ва даромад ёбам. Ҳоло бо шарофати маъруфияте, ки "Хусури ман" ба ман дод, имкон дорам ҳам ба орзуҳои худ бирасам ва ҳам то қадри имкон ба дигарон ёрӣ диҳам.**

*- Ба дигарон ёрӣ расониданатон саволи рӯз ва вобаста ба замон аст, вале ба орзуҳои худ ҳатман мерасед, даромад ба даст меоред. Шинохта шудан тавассути филм ва ҳамзамон фаъолияти блогериро пеш бурдан худ ҳамин хислатҳоро доранд.*



**Қудратулло ШАРИФЗОДА, муассис ва роҳбари SK Estate**

**- Тамошобин обуна мешавад, мушоҳида мекунад, солҳо мегузаранд, пул ҷамъ мекунад ва дар ниҳоят баъди панҷ, шаш, хафт сол барои харидани амволи ғайриманқул меояд... Онҳо аллакай медонанд, ки SK Estate платформаи боэътимод аст ва ба он метавон бовар кард.**

*- Ҳаҳаҳаҳ, садқаи номатон, хайрият нагуфтед, ки замони ба нафақа баромаданашон. Агар аз шӯхӣ гузарем, платформа бояд тарзе роҳандозӣ шавад, ки дар муддати хеле кӯтоҳ эътимоди корбарандагонашро ба даст орад.*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,** Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,** раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,** муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,** Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,** Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*

*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:** 221-00-84, 227-19-95
tojikiston@pressa.tj

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61
ads@rg.tj

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
918-66-82-64, 221-41-11

**ТЕЪДОДИ НАШР:** 33 000 нусха.

# АЗ ХАТАРИ ХУСДЕҲ ТО ГАРАВГОНГИРӢ



*Сайдамир ЗУҲУРОВ, собиқ вазири амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковник*

### ХУСДЕҲ ТАШАББУСИ ПРЕЗИДЕНТ БУД

Ба назари ман, агар мо имрӯз дар бораи сулҳу оромии Тоҷикистон ҳарф занем, наметавонем аҳаммияти мулоқоти Хусдеҳро нодида бигирем. Он музокирот яке аз марҳалаҳои ҳалкунанда ва тақдирсози раванди сулҳи тоҷикон буд.

Оромие, ки имрӯз дар Тоҷикистон ҳукмфармост, идомаи ҳамон роҳест, ки дар солҳои бисёр вазнин интихоб шуд. Хусдеҳ нишон дод, ки роҳи пешгирифтаи роҳбарияти давлат - музокира, созиш ва хотима додан ба муқовимати мусаллаҳона роҳи дуруст буд.

Имрӯз, ки мо 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил мекунем, бояд дар хотир дошта бошем, ки Истиқлол танҳо бо эълони он устувор намешавад. Барои ҳифзи давлат сулҳ, амният ва ягонагии мардум зарур буд. Аз ҳамин ҷиҳат, мулоқоти Хусдеҳ барои Тоҷикистон аҳаммияти махсус дошт.

Ташаббускори баргузории мулоқоти Хусдеҳ худи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд.

Мақсад равшан буд. Бояд бо роҳбарияти мухолифин рӯ ба рӯ нишаста, масъалаҳое, ки ба сулҳ халал мерасониданд, мустақим баррасӣ мешуданд. Чанд ҷой барои мулоқот пешбинӣ шуда буд. Бо супориши Президент ман ин масъаларо бо Аҳмадшоҳи Масъуд, ки он замон вазири мудофиаи Афғонистон буд, матраҳ кардам. Дар натиҷаи суҳбат Аҳмадшоҳи Масъуд минтақаи Хусдеҳро ҳамчун ҷойи баргузории мулоқот пешниҳод намуд. Ман натиҷаи гуфтугӯро ба Президент гузориш додам. Ҷавоб қатъӣ буд:

- Меравем.

Аз ҳамин лаҳза масъалаи дигар ба миён омад - таъмини амнияти мулоқот. Бояд вазъияти онвақтаи Афғонистонро тасаввур кард. Дар кишвар ҷанги дохилӣ идома дошт. Гурӯҳҳои мусаллаҳи гуногун фаъол буданд. Толибон алайҳи ҳукумати Бурҳониддин Раббонӣ ва нерӯҳои Аҳмадшоҳи Масъуд меҷангиданд. Дар чунин шароит баргузории мулоқоти роҳбарони дуҷонибаи тоҷикон кори одӣ набуд. Хатар дар ҳар қадам вуҷуд дошт.

Аҳмадшоҳи Масъуд ба масъалаи амният бисёр ҷиддӣ муносибат кард. Дар рӯзҳои пеш аз мулоқот қариб ҳаштсад нафар сарбозонро барои назорати баландӣ ва минтақаҳои атроф сафарбар намуд. Тақрибан тамоми мавзеи мулоқот тахти назорат гирифта шуд.

Ин чораҳо зарур буданд. Дар кори амниятӣ як қоида вуҷуд дорад: агар хатарро кам ҳисоб кунӣ, метавонад оқибаташ гарон бошад. Дар чунин ҳолатҳо вазифаи мо арзёбӣ ва коҳиш додани хатар аст. Вале тасмими сиёсиро роҳбари давлат мегирад.

Эмомалӣ Раҳмон хатарро медонистанд, аммо масъалаи сулҳи кишварро болотар гузоштанд. Мулоқот баргузор шуд. Сафар анҷом ёфт. Ва натиҷаи он баъдан дар раванди минбаъдаи музокирот эҳсос гардид.

Албатта раванди музокирот мураккаб буд. Баъзан гуфтугӯи миёни ду роҳбар тӯл мекашид ва мавкеъҳо ба ҳам наздик намеомаданд. Ҳар ҷониб мавқеи худро дошт. Аммо ҳадафи асосӣ пеши роҳи идомаи ҷанг гирифтан буд, ки тарафҳо инро хуб дарк мекарданд.

Баъд аз Хусдеҳ музокирот дар дигар ҷойҳо идома ёфт: Бишкек, Теҳрон, Маскав... Вале онҳо марҳалаҳои дигар буданд. Аммо, ба назари ман, яке аз таҳкурсиҳои асосии созиши минбаъда маҳз дар Хусдеҳ гузошта шуд.

Чаро?

Зеро дар он ҷо ҷонибҳо на аз тариқи миёнарав, балки рӯ ба рӯ суҳбат карданд. Дар кори сиёсӣ ва амниятӣ баъзан мулоқоти мустақим чизеро ҳал мекунад, ки даҳҳо паём ва миёнаравӣ ҳал карда наметавонад.

Хусдеҳ ҳамин гуна мулоқот буд. Ин лаҳзаҳо дар китоби Шарифи Ҳамдампур - «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» воқеъиюна, муфассал инъикос шудаанд. Ман ҳамчун шахсе, ки худ дар омодагӣ ва баргузории он мулоқот иштирок доштам, метавонам бигӯям: он чӣ дар бораи ин воқеаҳо навишта шудааст, ба воқеаҳое, ки мо аз сар гузаронидем, мувофиқат мекунад.



*Ҳайати музокироти сулҳи тоҷикон дар Хусдеҳи Афғонистон, соли 1996*



*Генерал-полковник Сайдамир Зуҳуров бо Қаҳрамони Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд*

Барои ман арзиши китоб маҳз дар ҳамин аст. Он танҳо аз натиҷаи сулҳ нест, он нишон медиҳад, ки то расидан ба сулҳ чӣ гуна хатарҳо буданд, кадом одамон иштирок карданд, чӣ гуна қарорҳо қабул шуданд ва чӣ гуна масъалаҳои мураккаб ҳал гардиданд.

Барои насли ҷавон донистани ин чизҳо муҳим аст. Зеро имрӯз сулҳ табиӣ менамояд. Аммо он рӯзҳо ҳар як қадам ба сӯи сулҳ метавонист бо хатари ҷонӣ ҳамроҳ бошад.

### ГАРАВГОНГИРИИ РИЗВОН

Як воқеаи дигарро низ мехоҳам ёдовар шавам. Моҳи феврали соли 1997 гурӯҳи мусаллаҳи Баҳром Садиров дар минтақаи Обигарм як гурӯҳ намояндагони байналмилалӣ ва ҳамроҳони онҳоро гаравгон гирифт. Онҳо дар маҷмӯъ 17 нафар буданд. Дар миёни онҳо намояндагони хориҷӣ, рӯзноманигорон, тарҷумонҳо ва ронандагон низ буданд. Бо дастури Президент ман ҳамроҳи Котиби Шурои амният Амирқул Азимов чанд рӯз бо гурӯҳи мусаллаҳ музокира кардем. Натиҷа надод. Баҳром Садиров талаб кард, ки ман шахсан назди ӯ равам. Ман розӣ шудам ва иҷозати Президентро гирифтам.

Нақша чунин буд: гаравгонҳоро ба ман месупоранд ва ман онҳоро берун меорам. Аммо Баҳром ба ваъда вафо накард. Худи маро низ гаравгон гирифтанд. Ман даҳ рӯз дар дасти онҳо мондам. Вазъият бисёр ҳассос буд.

Дар чунин ҳолат як иштибоҳ метавонад боиси талафоти ҷонӣ шавад. Ҳадафи асосӣ ҳамин буд - кормандони созмонҳои байналмилалӣ, рӯзноманигорон зарар набинанд.

Аз берун Президент масъалаи озод кардани гаравгонҳоро роҳбарӣ мекарданд, бо дигар ҷонибҳо кор мерафт. Ман аз дохил мекӯшидам вазъро ором нигоҳ дорам ва нагузорам, ки кор ба тирпарронӣ кашад.

Одамонро тадриҷан дунафарӣ, чорнафарӣ озод мекарданд. Ниҳоят 17-уми феврали соли 1997 Президент шахсан ба Обигарм омаданд.

Ин қадам бисёр муҳим буд. Зеро гурӯҳи мусаллаҳ талабҳои худро дошт.

Яке аз масъалаҳо ба ҷойгир намудани баъзе аъзои гурӯҳ дар сохторҳои қудратӣ вобаста буд.

Президент гуфтанд: аввал Зуҳуровро озод кунед, баъд бо намояндаатон суҳбат мекунем ва масъалаҳоро баррасӣ менамоем.

Маро озод карданд. Аммо ҳанӯз чанд нафар гаравгон боқӣ монда буданд. Вазъият ҳанӯз ҳам нозук буд. Дар минтақа нерӯхое буданд, ки мехостанд бо роҳи зӯр масъала ҳал шавад.

Агар тирпарронӣ оғоз мешуд, эҳтимоли талафоти ҷонӣ зиёд буд. Мо инро намехостем. Бо гуфтугӯ ва фишори пайваста ниҳоят боқимондаи гаравгонҳо низ озод шуданд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон дар лаҳзаҳои мушкил роҳи гуфтугӯро аз даст намедоданд, аммо ҳамзамон дар масъалаи ҳифзи манфиатҳои давлат мавқеи қатъӣ доштанд. Ба назари ман, ҳамин омезиши қатъият ва омодагӣ ба музокира яке аз омилҳои муҳими расидан ба сулҳ гардид.

Имрӯз натиҷаи онро мебинем. Тоҷикистон давлатест, ки дар он сулҳу оромӣ ҳукмфармост. Аммо барои фаҳмидани қимати ин оромӣ бояд ба Хусдеҳ, ба музокироти он рӯзҳо, ба роҳҳои хатарнок ва ба даҳҳо воқеае баргардем, ки ҳар қадом метавонист самти таърихро дигар кунад.

# СУЛҲ ИРОДАИ СИЁСИИ ПРЕЗИДЕНТ БУД



*Талбак НАЗАРОВ,
академик, собиқ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ҶАНГ, НОВОБАСТА АЗ ОН КИ ЧӢ ҚАДАР ТӮЛ МЕКАШАД, ОҚИБАТ БА ПОЁН МЕРАСАД. АММО РОҲИ АНҶОМИ ОН МЕТАВОНАД ГУНОГУН БОШАД: Ё БО ИДОМАИ МУҚОВИМАТИ МУСАЛЛАҲОНА ВА ТАЛОШИ ПИРӮЗИИ ЯК ҶОНИБ БАР ҶОНИБИ ДИГАР, Ё ТАВАССУТИ МУЗОКИРА, СОЗИШ ВА ПАЙДО КАРДАНИ РОҲИ СУЛҲ. ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН РОҲИ ДУЮМ ИНТИХОБ ГАРДИД.**



*Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва академик Талбак Назаров*

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз оғози роҳбарии давлат бар он назар буданд, ки роҳи ҳалли низои дохилӣ бояд аз гуфтугӯ ва созиш гузарад. Ин интихоби бисёр муҳим буд, зеро таҷрибаи дипломатӣ нишон медиҳад: ҳатто дар мураккабтарин вазъиятҳо, то замоне ки имкони гуфтугӯ вуҷуд дорад, имкони расидан ба сулҳ низ боқӣ мемонад.

Ба назари ман, оғози ин равандро бояд аз Иҷлосияи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ҷустуҷӯ кард. Вақте Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олӣ интихоб шуда, роҳбарии давлатро ба уҳда гирифтанд, ду масъалаи бисёр муҳимро ба миён гузоштанд.

Якум, баргардонидани гурезаҳо ба Ватан. Дуюм, барқарор намудани сулҳ дар Тоҷикистон.

Дар он шароити бисёр душвори сиёсиву иҷтимоӣ ин ду масъала аз ҳам ҷудо набуданд. Бозгашти мардум ба Ватан бе таъмини амният имкон надошт ва сулҳи пойдор низ бе барқарор намудани эътимоди мардум ба давлат комил шуда наметавонист.

Аз ҳамин рӯ, масъалаи сулҳ аз аввал на танҳо ҳамчун масъалаи сиёсӣ, балки ҳамчун масъалаи сарнавишти инсонҳо матраҳ гардид.

Пас аз омадан ба Душанбе яке аз иқдомҳои муҳими Роҳбари давлат муроҷиат ба Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид Бутрос Ғолӣ буд. Дар он муроҷиат вазъияти душвори Тоҷикистон шарҳ дода шуда, аз Созмони Милали Муттаҳид дархост гардид, ки намояндагони худро ба кишвар фиристад, вазъро аз наздик омӯзад ва барои пайдо кардани роҳи ҳалли бӯҳрон мусоидат намояд.

Ин иқдом аз нигоҳи дипломатӣ аҳаммияти калон дошт. Тоҷикистон аз ҷомеаи байналмилалӣ на даҳолат ба корҳои дохилӣ, балки мусоидат барои ташкили муколама ва фароҳам овардани заминаи сулҳро интизор буд. Бутрос Ғолӣ дар муддати кӯтоҳ посух дод ва намояндагони СММ ба Тоҷикистон омаданд. Минбаъд онҳо дар марҳалаҳои гуногуни раванди сулҳ иштирок карданд ва то анҷоми музокирот ва баъд аз он низ фаъолияти худро идома доданд.

Дар баробари Созмони Милали Муттаҳид намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои гуногун низ барои пешрафти раванди музокирот мусоидат менамуданд.

Аммо бояд як нуктаи муҳимро таъкид кард: миёнарав метавонад ҷонибҳоро ба ҳам наздик кунад, фазои гуфтугӯро фароҳам созад ва барои пайдо кардани созиш кумак расонад, вале иродаи асосӣ бояд аз худи ҷонибҳои даргир барояд.

Ман як солу ҳафт моҳ роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар музокирот будам. Дар ин муддат мо бо намояндагони Созмони Милали Муттаҳид пайваста дар тамос будем. Онҳо бо ҳар ду ҷониб суҳбат мекарданд, мавкеъҳоро меомӯхтанд, машварат медоданд ва барои идомаи гуфтушунидҳо мусоидат менамуданд.

Намояндаи СММ Мерен низ дар ин раванд хизмати назаррас анҷом дод. Музокирот осон набуд. Ҳар ҷониб мавкеъ, талаб ва нигарониҳои худро дошт. Баъзан масъалаҳое ба миён меомаданд, ки дар назари аввал ҳалнашаванда менамуданд. Аммо муҳим он буд, ки гуфтугӯ қатъ нагардид.

Дар дипломатия баъзан худи идомаи муколама як дастовард аст. Зеро то замоне ки ҷонибҳо сари миз нишастаанд, имкони наздик шудани мавкеъҳо вуҷуд дорад. Яке аз мавзуҳои асосии марҳалаи аввали музокирот масъалаи гурезаҳо буд. Роҳбари давлат гуфта буданд, ки то охирин гуреза ба Ватан баргардонида шавад. Се-чор моҳи аввали гуфтушунидҳо мо қариб пайваста ҳамин масъаларо баррасӣ мекардем. Аммо баргардонидани гурезаҳо танҳо интиқоли одамон аз як кишвар ба кишвари дигар набуд. Бисёре аз онҳо хона надоштанд. Манзилҳои бархе сӯхта ё вайрон шуда буданд. Одамон бояд итминон пайдо мекарданд, ки баъди бозгашт амнияти онҳо таъмин мешавад ва имкони аз нав оғоз кардани зиндагӣ вуҷуд дорад.

Аз ҳамин сабаб, иштироки Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ дар ин масъала низ муҳим буд.

Бозгашти гурезаҳо, ба назари ман, яке аз аввалин санҷишҳои ҷиддии сулҳ буд. Зеро, вақте одаме, ки аз ҷанг гурехтааст, ба хонаи худ бармегардад, ин маънои онро дорад, ки ӯ ба фардои осоишта умед мебандад.

Аз таҷрибаи худ ман ба як хулоса расидаам: агар роҳбари давлат хоҳад, сулҳ мекунад. Бе иродаи сиёсии ӯ сулҳ имконнопазир аст. Дар Тоҷикистон Президент ҳамин роҳро интихоб намуданд. Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекарданд, ки бояд роҳи расидан ба сулҳро ҷустуҷӯ кунем.

Ба назари ман, яке аз хизматҳои асосии он кас дар марҳалаи аввали давлатдорӣ маҳз дар ҳамин буд: сулҳ ҳамчун ҳадафи давлатӣ муайян гардид ва музокира ҳамчун роҳи расидан ба он пазируфта шуд. Ин ду масъала барои дипломатия аҳаммияти бунёдӣ доранд. Аввал бояд ҳадаф равшан бошад. Баъд васила расидан ба он интихоб шавад.

Созиш маънои онро надорад, ки яке пирӯз шуду дигаре мағлуб гардид. Дар музокироти сулҳ созиши воқеӣ он вақт ба даст меояд, ки ҷонибҳо манфиати умумиро аз мавқеи гурӯҳӣ болотар гузоранд. Ҳар ҷониб бояд бидонад, ки сулҳ гузашт меҳоҳад.

Раванди сулҳи тоҷикон низ ҳамин гуна буд. Масъалаҳои душвор буданд, баҳсҳо буданд, ихтилофи назарҳо вуҷуд доштанд. Аммо дар ниҳоят имкони созиш пайдо шуд. Мо ба сулҳ расидем. Ва имрӯз, вақте аз он солҳо ба замони ҳозира менигарем, хуб дарк мекунем, ки арзиши асосии он музокирот дар худи созиш буд.

Баъди барқарор шудани оромӣ имконияти ҳалли масъалаҳои дигари давлатӣ низ фароҳам омад. Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои гуногун тадриҷан густариш ёфтанд. Робитаҳо бо Чин, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва дигар давлатҳо рушд карданд ва бисёр масъалаҳое, ки солҳои зиёд ҳалношуда боқӣ монда буданд, тадриҷан мавриди баррасӣ ва ҳал қарор гирифтанд.

Сиёсати хориҷии устувор бе суботи дохилӣ вуҷуд дошта наметавонад. Кишваре, ки дар дохили худ ба созиш расидааст, метавонад бо ҳамсоягон ва ҷомеаи байналмилалӣ низ бо эътимоди бештар муносибат барқарор намояд. Аз ҳамин ҷиҳат, сулҳи Тоҷикистон на танҳо мушкили дохилиро ҳал кард, балки барои ташаккули сиёсати хориҷии минбаъдаи кишвар низ замина гузошт.

Зимнан, меҳоҳам дар бораи китоби «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур», ки хусусан дар Хусдеҳ аз дипломатияи баланди Эмомалӣ Шарифович ҳикоят мекунад, чанд сухан гӯям. Худи номи китоб ба ду марҳалаи муҳими таърихи навини Тоҷикистон ишора мекунад. Хусдеҳ ёдовар аз рӯзҳое мешавад, ки масъалаи асосӣ расидан ба сулҳ, гуфтугӯ бо мухолифин ва пешгирии идомаи ҷанг буд. Сингапур бошад, ишора ба марҳалаи дигар, ба ҷустуҷӯи таҷрибаи пешрафт, иқтисоди муосир ва роҳҳои рушди давлат.

Дар китоб нақши Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар раванди сулҳи тоҷикон мавкеи муҳим дорад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки на танҳо натиҷа, балки марҳалаҳои расидан ба онро низ нишон диҳад.

Ин ҷиҳати китоб, ба назари ман, барои хонандаи имрӯз муҳим аст. Зеро сулҳро танҳо бо рӯзи имзои санад шинохтан кофӣ нест. Пеш аз имзо роҳи тӯлонӣ мавҷуд буд: ирода, гуфтугӯ, миёнаравӣ, баҳс, гузашт ва ҷустуҷӯйии роҳи қобили қабул барои ҷонибҳо. Ва агар хоҳем моҳияти сулҳи тоҷиконро дуруст дарк кунем, бояд ҳамаи ҳамин марҳалаҳоро дар маҷмуъ бубинем.

Сулҳ аз санад оғоз намешавад. Санад натиҷаи сулҳхоҳист.

Сулҳ пеш аз ҳама аз иродаи сиёсӣ, аз омодагӣ ба гуфтугӯ ва аз эътирофи зарурати созиш оғоз мешавад, ки дар ин китоб баён шудааст.

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

## Пойдевори артиши миллӣ

**ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ БАРОИ ҲАР МИЛЛАТ ТАНҲО БА ДАСТ ОВАРДАНИ СОҲИБИХТИЁРИИ СИЁСӢ НЕСТ. ИСТИҚЛОЛ ПЕШ АЗ ҲАМА МАСЪУЛИЯТИ БУЗУРГИ ТАЪРИХӢ, ЭҲСОСИ СОҲИБВАТАНӢ, ҲИФЗИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ВА ОМОДАГӢ БА ҲИМОЯИ ДАСТОВАРДҲОИ ДАВЛАТДОРӢ МЕБОШАД. БАРОИ МО ТОҶИКОН, КИ ДАР ОҒОЗИ СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ РӮЗҲОИ НИҲОЯТ ДУШВОРРО ПАСИ САР КАРДЕМ, АРЗИШИ ИСТИҚЛОЛ БОЗ ҲАМ АМИҚТАР АСТ.**



*Эмомалӣ СОБИРЗОДА, вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковник*

Соли равон мардуми сарбаланди кишвар 35-солагии Истиқлоли давлатии худро таҷлил менамоянд. Сию панҷ сол дар миқёси таърих шояд муддати тӯлонӣ набошад, аммо барои як давлати ҷавон ин солҳо марҳалаи ташаккули пояҳои давлатдорӣ, таҳкими сулҳу субот, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва ба вуҷуд овардани ниҳодҳои муосири давлатӣ мебошад. Дар ҳамин давра Артиши миллии Тоҷикистон низ роҳи пуршарафу пурмасъулиятро тай намуда, аз як сохтори навтаъсис ба нерӯи муташаккил, дорои таҷриба, кадрҳои соҳибкасб, техника ва заминаҳои муосири таълимӣ табдил ёфт.

Имрӯз, вақте ба роҳи тайкардаи кишвар менигарем, равшан эҳсос мешавад, ки миёни Истиқлоли давлатӣ ва Артиши миллӣ робитаи ногусастанӣ вуҷуд дорад, зеро Истиқлол бидуни низоми боэътимоди ҳифзи давлат, марзу буми он ва амнияти шаҳрвандон пойдор буда наметавонад. Артиши миллӣ бошад, дар баробари иҷрои вазифаи муқаддаси ҳифзи Ватан, яке аз рукнҳои муҳими давлатдории миллӣ ба шумор меравад.

Таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар шароити ниҳоят душвор сурат гирифт. Пойгоҳи моддиву техникӣ, кадрҳои касбӣ ва сохтори мукаммали низомӣ ҳанӯз ба таври зарурӣ ташаккул наёфта буданд. Бо вуҷуди ин, зарурати ҳифзи давлати навини тоҷикон ва таъмини амният тақозо мекард, ки ин ниҳоди муҳим ҳарчи зудтар бунёд ва таҳким дода шавад.

Дар ин раванд нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш мухтарам Эмомалӣ Раҳмон басо муҳим арзёбӣ мегардад. Аз рӯзҳои аввали давлатсозӣ масъалаи таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор дошт.

Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки Артиши миллии Тоҷикистон дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ мактаби бузурги ватандӯстӣ, садоқат ба давлат ва хизмат ба халқу Ватанро ба вуҷуд овардааст. Афсарону сарбозони кишвар дар ин мактаб обутоб ёфта, бо дарки баланди масъулияти касбӣ рисолати худро иҷро мекунанд.

Ҷаҳони имрӯз моро водор месозад, ки масъалаи омодагии мудофиавиро на танҳо ҳамчун вазифаи сохторҳои низомӣ, балки ҳамчун масъалаи умумимиллӣ дарк намоем. Тағйироти босуръати сиёсиву амниятӣ, пайдо шудани таҳдидҳои нав, рушди технологияҳои ҳарбӣ ва тағйирёбии усулҳои низомӣ тақозо мекунанд, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамеша дар ҳолати омодагии баланд қарор дошта бошанд.

Аз ҳамин ҷост, ки дар кишвар гузаронидани машқҳои муштараки дохилию байналмилалӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Чунин машқҳо барои санҷиши омодагии ҷангӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии ҳайати шахсӣ, такмили ҳамоҳангии сохторҳои гуногун ва табодули таҷрибаи муосири низомӣ замина фароҳам меоранд.

Дар дохили кишвар низ машқҳои муштараки амалиётӣ-стратегӣ, тамринҳои васеи низомӣ, машғулиятҳои омодагии сафарбарӣ ва чорабиниҳои зиддитеррористӣ мунтазам гузаронида мешаванд. Ҳамзамон, ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникии Тоҷикистон бо кишварҳои гуногун густариш ёфта, табодули таҷриба ва донишҳои касбӣ ба яке аз самтҳои муҳими фаъолияти соҳа табдил ёфтааст.

Яке аз самтҳои муҳими таҳкими низоми мудофиавии кишвар рушди мудофиаи ҳудудӣ мебошад. Солҳои охир дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҷамъомадҳои мудофиаи ҳудудӣ ва машғулиятҳои омодагии сафарбарӣ мунтазам баргузор мешаванд.

Дар ин чорабиниҳо на танҳо хизматчиёни ҳарбӣ, балки намояндагони мақомоти маҳаллӣ, муассисаҳо, сохторҳои дахлдор ва шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордошта низ иштирок мекунанд. Ҳадаф аз чунин ҷамъомадҳо омодасозии шаҳрвандон ба амал дар ҳолатҳои зарурӣ, санҷиши захираҳои сафарбарӣ, такмили ҳамоҳангии сохторҳои масъул ва баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷомеа мебошад.

Баргузории чунин ҷамъомадҳо дар шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла минтақаҳои наздисарҳадӣ на танҳо омӯзиши амалҳои мушаххас, балки тарбияи ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва ватандӯстиро низ тақвият мебахшад.

Дар раванди омодагии низомӣ машқгоҳҳои муосир ҷойгоҳи махсус доранд, зеро тамринҳо ва омодагии воқеии низомӣ бояд дар шароите сурат гирад, ки ба вазъияти амалии майдони машқ то ҳадди имкон наздик бошад.

Маҳз аз ҳамин нигоҳ, мавриди истифода қарор гирифтани майдони танкронии машқгоҳи «Ҳарбмайдон» аз ҷониби Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи декабри соли 2025 рӯйдоди муҳим барои рушди заминаи таълимии Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳисоб меравад. Ин машқгоҳ бо фароҳам овардани шароити зарурӣ барои машқҳои низомӣ, аз ҷумла истифодаи техникаҳои вазнини зиреҳпӯш имкониятҳои нави таълимиро фароҳам месозад.

Барои низомиён доштани чунин пойгоҳҳо танҳо як иншооти техникӣ нест. Машқгоҳ макони ташаккули маҳорати касбӣ, санҷиши омодагии техника ва ҳайати шахсӣ, такмили ҳамоҳангии экипажҳо ва баланд бардоштани малакаи қабули қарор дар шароити мураккаб мебошад.

Ҳар қадар шароити таълим ба воқеияти хизмати ҳарбӣ наздик бошад, ҳамон қадар сатҳи омодагии афсарону сарбозон баланд мегардад.

Дар баробари техника ва таҷҳизоти низомӣ, нерӯи асосии Артиши миллӣ ҳайати шахсии он махсуб меёбад. Бинобар ин, фароҳам овардани шароити муносиб барои хизмат, истироҳат, таълим ва зиндагии онҳо аҳаммияти бузург дорад.

Солҳои охир дар қисмҳои низомӣ садҳо биноҳои маъмурӣ, шаҳракҳои ҳарбӣ, иншооти таълимӣ, варзишӣ, маишӣ ва дигар иншооти зарурӣ сохтаву ба истифода дода шуданд. Ҳатто дар қисмҳои дурдасти низомӣ низ масъалаи муҳайё намудани шароити муосири хизмативу маишӣ ва заминаҳои моддиву техникии зарурӣ пайваста дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад.

Сохтмони бинову иншооти аҳамияти ҳарбӣ ва иҷтимоидошта танҳо ба беҳтар шудани инфрасохтори низомӣ мусоидат намекунад. Он ба баланд шудани рӯҳияи ҳайати шахсӣ, беҳтар гардидани шароити хизмат ва таҳкими эътимоди сарбоз ба давлат ва ҷомеа таъсир мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки Артиши муосирро бе технология тасаввур кардан душвор аст. Имрӯз рушди техникаи ҳарбӣ, низомҳои иртиботӣ, воситаҳои идоракунӣ, таҷҳизоти мушоҳидавӣ ва дигар технологияҳои нав талаб мекунанд, ки ҳайати шахсӣ пайваста дониш ва малакаи худро такмил диҳад.

Дар ин замина, яке аз вазифаҳои муҳими низомиёни имрӯз аз худ намудани технологияҳои муосир ва истифодаи дурусти онҳо дар фаъолияти хизматӣ мебошад.

Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи тахсилоти касбӣ, омӯзиши фанҳои муосир, такмили малакаҳои техникӣ, аз худ кардани таҷрибаи пешрафта ва омодасозии кадрҳои ҷавони соҳибмаърифат яке аз самтҳои муҳими рушди Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад.

Имрӯз, дар остонаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, мо метавонем бо роҳи тайкардаи кишвари азизамон ифтихор кунем. Аммо ифтихор бояд бо масъулият ҳамроҳ бошад.

Насли имрӯз бояд ба насли фардо давлатеро ба мерос гузорад, ки сулҳу суботи он устувор, иқтисодаш рушдёбанда, ҷомеааш муттаҳид ва Қувваҳои Мусаллаҳаш қавӣ бошад.

Бояд хуб дарк кунем, ки таҳкими амнияти давлат танҳо вазифаи низомиён нест. Он масъулияти умумии шаҳрвандист. Хизматчии ҳарбӣ бо иҷрои вазифаи худ, олим бо илми худ, омӯзгор бо тарбияи насли нав, табиб бо табобати беморон, деҳқон бо меҳнати худ ва соҳибкор бо саҳми созандааш дар пешрафти Тоҷикистон саҳм мегузорад. Ҳамин аст маънои воқеии давлатсозӣ.

35 соли Истиқлол ба мо як ҳақиқати муҳимро собит намуд. Давлат вақте қавӣ мегардад, ки мардумаш муттаҳид, ҷомеааш масъулиятшинос ва ниҳодҳои асосии давлатдориаш устувор бошанд.

Бовар дорам, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳо минбаъд низ рисолати касбии худро бо ҳисси баланди масъулият иҷро намуда, технологияҳои муосирро аз худ карда, дониш ва маҳорати касбии худро пайваста такмил медиҳанд ва дар таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Дар ин ҷашни бузурги миллӣ ба ҳамаи афсарону сарбозон, собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ, оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва кулли мардуми сарбаланди кишвар саломатӣ, сарбаландӣ, осоиштагӣ ва ба Ватани маҳбубамон сулҳу суботи пойдор орзу менамоям.



*Гул ШЕРАЛӢ,*
*ходими давлатӣ, собиқ вазири энергетика ва саноати Тоҷикистон*

# АЗ ВОБАСТАГӢ БА ХУДКИФОӢ



**ИМРӮЗ, КИ МАРДУМИ ТОҶИКИСТОН 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ КИШВАРРО ТАҶЛИЛ МЕКУНАНД, БА РӮЙДОДҲОИ БЕШ АЗ СЕ ДАҲСОЛАИ ГУЗАШТА АЗ ДИДГОҲИ ИМРӮЗ НАЗАР АНДОХТАН ИМКОН МЕДИҲАД, КИ РОҲИ ТАЙКАРДАИ ДАВЛАТ АЗ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ВА ПАРОКАНДАГӢ ТО СУЛҲУ СУБОТ, БУНЁДКОРӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДӢ РАВШАНТАР АРЗЁБӢ ГАРДАД.**

Дар ин масир нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, дар барқарор намудани сулҳ ва таъмини суботи кишвар барҷаста аст.

Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, замоне ки Эмомалӣ Раҳмон роҳбарии давлатро ба уҳда гирифтанд, Тоҷикистон рӯзҳои ниҳоят сангинро аз сар мегузаронд. Ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, ҳазорон нафар манзили худро тарк карда, қисме аз аҳолӣ берун аз марзи кишвар, аз ҷумла дар Афғонистон паноҳ бурда буданд.

Дар чунин шароит роҳбари нави давлат ваъда дод, ки барои Тоҷикистон сулҳ меорад ва гурезаҳоро ба Ватан бармегардонад.

Барои расидан ба сулҳ музокиротҳо мулоқотҳои зиёд баргузор шуданд. Роҳбарияти Тоҷикистон барои пайдо кардани роҳи созиш ба кишварҳои гуногун сафар кард, бо ҷонибҳои даргир сари мизи гуфтушунид нишаст ва барои барқарор кардани эътимод талош намуд. Дар ниҳоят, ин кӯшишҳо ба сулҳ ва бозгашти мардум ба Ватан мусоидат карданд.

Аммо сулҳ анҷоми мушкилот набуд. Баръакс, пас аз хомӯш шудани садои тир масъалаи дигар пеш омад: кишварро чӣ гуна бояд аз нав сохт?

Тоҷикистон баъди ҷанг бо мушкилоти ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардид. Яке аз масъалаҳои муҳим норасоии нерӯи барқ ва вобастагии энергетикӣ буд. Дар баъзе минтақаҳо, аз ҷумла шимоли ҷумҳурӣ камбуди барқ ба зиндагии мардум ва фаъолияти корхонаҳо таъсири ҷиддӣ мерасонд.

Дар ҳамин шароит масъалаи пайвастани шабакаҳои энергетикии Ҷануб ва Шимоли мамлакат ба миён гузошта шуд. Ҳадаф равшан буд: Тоҷикистон бояд барои таъмини минтақаҳои худ ҳарҷи камтар аз кишварҳои дигар вобаста бошад.

Бунёди хати интиқоли барқи «Ҷануб - Шимол» яке аз қадамҳои муҳими амалӣ дар ҳамин самт гардид. Бо татбиқи ин тарҳ имкони интиқоли нерӯи барқ ба шимоли мамлакат фароҳам омад.

Дар баробари ин, масъалаи эҳёи сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" аҳаммияти сарнавиштсоз пайдо кард. Сохтмони ин иншоот солҳои зиёд ба таъхир афтода буд. Дар роҳи идомаи он мушкилоти иқтисодӣ ва мухолифатҳои зиёд вуҷуд доштанд. Бо вуҷуди ин, роҳбарияти давлат аз ҳадаф даст накашид ва сохтмони нерӯгоҳ дубора ба ҳаракат даромад.

«Роғун» тадриҷан аз як иншооти нотамоми замони гузашта ба рамзи талоши Тоҷикистон барои истиқлолияти энергетикӣ табдил ёфт.

Дар баробари "Роғун", сохтмони нерӯгоҳҳои "Сангтӯда" низ барои беҳтар намудани таъминоти энергетикии кишвар аҳаммияти калон дошт.

Дар ҷараёни татбиқи ин тарҳҳо мушкилот кам набуданд. Дар яке аз рӯзҳои сарди зимистон, вақте корҳои сохтмони "Сангтӯда" ба суръати бештар ниёз доштанд, масъала то сатҳи Ҳукумати мамлакат баррасӣ шуд. Барои ҳалли он зарурати сафари фаврӣ ба Москва пеш омад.

Сафар шабона анҷом ёфт ва субҳи рӯзи дигар мулоқот бо роҳбари РАО «ЕЭС» Анатолий Чубайс баргузор гардид. Дар натиҷаи гуфтушунид мутахассисон сафарбар шуда, корҳо дар Тоҷикистон тақвият ёфтанд.

Ин гуна лаҳзаҳо нишон медиҳанд, ки пушти ҳар иншооти бузург на танҳо маблағу техника, балки музокира, масъулият, сафарҳои пайдарпай ва қабули қарорҳои фаврӣ меистанд.

Ҳамзамон, бо ҷалби Ҷумҳурии Исломии Эрон ва дигар шарикон тарҳҳои энергетикӣ амалӣ шуданд. Барои баъзе нерӯгоҳҳо таҷҳизот аз Чин оварда шуд. Дар минтақаҳои кӯҳӣ бошад, сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ яке аз роҳҳои таъмини аҳолӣ бо нерӯи барқ гардид. Тибқи хотираҳои дар он солҳо тақрибан 210 нерӯгоҳи хурд сохта шуданд.

Масъала танҳо сохтмони нерӯгоҳҳои азим набуд. Дар минтақаҳои баландкӯҳ ва дурдасте, ки кашидани хатҳои барқ мушкил буд, роҳҳои дигар ҷустуҷӯ мешуданд.

Бо супориши Президенти мамлакат аз Чин зиёда аз ҳазор панели офтобӣ оварда шуда, ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, аз ҷумла ноҳияи Мурғоб ва дигар минтақаҳои дурдаст тақсим гардиданд. Онҳо дар беморхонаҳо, мактабҳо ва хонаҳои оилаҳои камбизоат насб мешуданд.

Шояд дар муқоиса бо нерӯгоҳи бузург як панели офтобӣ кори хурд намояд. Вале барои оилае, ки шабона хонааш рӯшноӣ надошт, барои мактабе дар деҳаи дурдаст ё беморхонае дар кӯҳистон он маънои тамоман дигар дошт.

Зеро рушди давлат танҳо бо иншооти азим чен карда намешавад. Меъёри дигари он беҳтар шудани зиндагии инсон аст.

## КИТОБЕ ДАР БОРАИ РОҲИ ТАЙШУДА

Қисме аз ҳамин рӯйдодҳо дар китоби «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» инъикос ёфтаанд. Ин китоб талош мекунад, ки нақши роҳбари давлатро ҳам дар раванди расидан ба сулҳ ва ҳам дар марҳалаи баъдии эҳёи иқтисодӣ ва давлатсозӣ нишон диҳад.

Барои нафароне, ки худ дар баъзе аз ин рӯйдодҳо иштирок кардаанд, китоб на танҳо нақли таърих, балки бозгашт ба рӯзҳоест, ки ҳар қарор метавонист ба оянда мамлакат таъсир расонад.

Аз ин нигоҳ, «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» танҳо дар бораи як шахс ё як давраи муайян нест. Он қиссаи роҳест, ки Тоҷикистон тай кардааст: аз ҷанг ба сулҳ, аз пароканда ба ваҳдат, аз вобастагӣ ба худкифоӣ ва аз барқарорсозӣ ба бунёдкорӣ.



**Файзхӯҷа МАҲМУД,**
**ш. Тошканд,**
**Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## *Суруди Истиқлол*

*Дар лаби мо саломи Истиқлол,*
*Дар дили мо мароми Истиқлол,*
*Шаш ҷиҳат аз каронаи Мийҳан*
*Менишюем гоми Истиқлол,*

*Дар лаби мо саломи Истиқлол,*
*Дар дили мо мақоми Истиқлол!*

*Покдин, покрою покойин,*
*Покзодему мардуми бодин,*
*Бодаи маърифат ҳаменӯшем,*
*Бо ҳаловат зи Ҷоми Истиқлол!*

*Дар лаби мо саломи Истиқлол,*
*Дар дили мо мақоми Истиқлол!*

*Гар биҳиште ба паҳнаи дунёст,*
*Он Биҳишти Ватан барои мост,*
*"Худшиносӣ - Ватаншиносӣ" якест,*
*Зимни тафсири номи Истиқлол!*

*Дар лаби мо саломи Истиқлол,*
*Дар дили мо мақоми Истиқлол!*

*Рахши аҷдод медурахшонем,*
*Соликони раҳи дурахшонем!*
*Парчами дӯстӣ ба каф дорем,*
*Каъбаи амнро нигаҳбонем,*

*Дар лаби мо саломи Истиқлол,*
*Дар дили мо мақоми Истиқлол!*

## *Хоки пургуҳар*

*Эй тобиши тобони ту метобад*
*аз чашмони мо,*
*В-эй қалби гармат бурда дай,*
*оварда тобистони мо.*
*То боғу то бӯстони ту дилгарм*
*тобистон шудем,*
*То решат бор оварад, хун рехт*
*аз мижгони мо.*
*То Мулк ободон шавад,*
*саҳни Ватан бӯстон шавад,*
*Поядаву созанда шуд Имони мо,*
*Виҷдони мо.*
*Эй дар тараф танбӯри мо,*
*ною навои чӯри мо,*
*Эй сӯри мо, эй зӯри мо,*
*эй беҳтарин дармони мо!*
*Бисёр дидам баҳру барр,*
*бисёр гаштам шебу фар,*
*Хоке надидам пургуҳар,*
*чун хоки тоҷикони мо.*
*Хокат пур аз ганҷинаҳо,*
*обат давои синаҳо,*
*Рӯзу шабат одинаҳо,*
*эй файзи дастархони мо.*
*Эй Файзхоҷа дам мазан,*
*андар санои ин Ватан,*
*Мову санои ӯ куҷо, нуқсони мо,*
*ҳазёни мо...*



# АЗ ГАҲВОРАҶУНБОНИИ ПРЕЗИДЕНТ ТО ТАҲДИДИ «ГАРБУН»

*Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, дипломат, ходими давлативу сиёсӣ*



**« СУЛҲИ ТОҶИКИСТОН ХУД БА ХУД БА ДАСТ НАОМАДААСТ. БАРОИ РАСИДАН БА ОН РОҲИ БИСЁР ДУШВОРУ ПУРПЕЧУТОБ ТАЙ ГАРДИД, ҶОНИ ОДАМОН БА ХАТАР ГУЗОШТА ШУД, САДҲО МУЛОҚОТУ МУЗОКИРА СУРАТ ГИРИФТАНД ВА МУҲИМТАР АЗ ҲАМА, ИРОДАИ ҚАВИИ СИЁСӢ ЛОЗИМ БУД.**

Ба назари ман, решаҳои сулҳи тоҷиконро бояд аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ҷустуҷӯ кард. Замоне ки Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олӣ интихоб гардиданд ва роҳбарии давлатро ба уҳда гирифтанд, Тоҷикистон дар гирдоби ҷанги бародаркуш қарор дошт.

Маҳз дар ҳамон рӯзҳои вазнин аз минбари Иҷлосия садо дод: «Ман ба шумо ва ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон сулҳ меорам!».

Ин сухан дар он вазъият танҳо як ваъда набуд. Он интихоби роҳ буд: роҳи сулҳ, оштӣ ва сарҷамъ намудани миллат.

Ман шахсан шоҳиди бисёр лаҳзаҳое ҳастам, ки амнияти Сарвари давлат зери хатар қарор дошт. Вале ҳатто дар чунин вазъиятҳо он кас аз роҳи интихобкардаи худ барнамегаштанд.

Ду сафари Бадахшон барои ман то имрӯз рамзи ҳамин хислати он кас боқӣ мондааст.

### «МАН АЗ САФАР БАРНАМЕГАРДАМ»

Ҳангоми яке аз сафарҳо ба ноҳияи дурдасти Мурғоб бо чархбол аз Хоруғ парвоз мекардем. Ҳанӯз ба Булункӯл нарасида будем, ки ҳаво ногаҳон тағйир ёфт. Аввал борони сахт борид ва баъд он ба барф мубаддал шуд. Дидани роҳ торафт душвор мегардид.

Халабонҳо гуфтанд:

- Дар чунин ҳаво дигар пеш рафта наметавонем. Чораи дигар нест, бояд баргардем.

Барои баргаштани чархбол бояд аз Роҳбари давлат иҷозат мегирифтем. Наздашон даромада, вазъро фаҳмонидам:

- Муҳтарам Президент, ҳаво ниҳоят бад шуд. На метавонем пеш равем ва на боло бароем. Агар ҳоло барнагардем, баъдтар ҳатто имкони фуруд омадан ҳам намемонад.

Посух кӯтоҳ буд:

- Ман аз сафар барнамегардам.

Дубора назди халабонҳо омада, гуфтам, ки Президент розӣ нашуданд, бояд роҳи дигар пайдо кунем. Онҳо баъди машварат гуфтанд, ки танҳо як имконият ҳаст: каме ба қафо баргашта, дар наздикии деҳаи Аличӯл фуруд оем.

Чархбол дар даште фуруд омад, ки касе набуд. Мо ҷониби деҳа роҳ пеш гирифтем. Борону барф сахт меборид. Дар даромади деҳа сокинони маҳаллӣ чархболро диданд, гурӯҳе аз кӯдакони тоҷику қирғиз ба сӯйи мо давиданд.

- Эмомалӣ Раҳмон! Эмомалӣ Раҳмон!,- баланд шуд садои кӯдакон.

Аз паси кӯдакон занони деҳа низ баромаданд.

Роҳбарони маҳаллӣ бошанд, барои истиқболи Президент ба маркази ноҳия рафта будаанд. Онҳо гумон надоштанд, ки ҳавои номусоид сафари чархболро тағйир медиҳад ва Сарвари давлат ногаҳон дар ҳамин деҳаи дурдаст фуруд меоянд.

Президент бо мардуми одӣ самимона суҳбат карданд.

Баъдан ба ман гуфтанд, ки бояд роҳи идомаи сафарро бо мошин пайдо кунем.

Пешниҳод кардам:

- Ҷаноби Олӣ, шумо дар яке аз хонаҳо меҳмон шаведу каме истироҳат кунед, ман нақлиёт пайдо мекунам.

Ҳамин вақт миёни сокинон бахси самимие сар шуд.

Қирғизҳо мегуфтанд:

- Президент бояд меҳмони мо шавад!

Тоҷикон бошанд, мехостанд Сарвари давлатро ба хонаи худ баранд.

Эмомалӣ Раҳмон ба бахси онҳо нигоҳ карда, гуфтанд:

- Биёед, меҳмони бародарони қирғизамон мешавем.

Марде, ки моро ба хонааш даъват кард, табиб будааст.

Ҳамин ки ба манзили ӯ расидем, соҳиби хона аз ҳаяҷон қолини деворро канда, пеши пойи Президент густурд.

Хона гарму одӣ буд. Дар кунҷи он тифли навзоде дар гаҳвора мехобид.

Соҳибони хона дастархон оростанд. Ман бошам, барои пайдо кардани мошин баромадам.

### «НИВА»-Е, КИ БӮЙИ МУРҒУ ГӮСФАНД МЕКАРД

Дар деҳа як «Нива» пайдо шуд, ки он на чарх дошту на аккумулятор. Мардум бисёр ташаббускор буданд. Соҳиби он бар ивази ду гӯсфанд чарху аккумулятор пайдо кард.

Мардуми қирғизи он минтақа, ки асосан чорводор буданд, бо мошинҳои худ бору чорво мекашонданд. Аз ҳамин сабаб дохили мошине, ки барои Президент пайдо кардем, бӯйи бузу гӯсфанду мурғ мекард. Вале мо чораи дигаре надоштем. Мошинро омода кардем ва ба он манзиле, ки Президент қарор доштанд, баргаштем. Ман вориди хона шудам ва манзараеро дидам, ки ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Эмомалӣ Раҳмон назди гаҳвора нишаста, онро мечунбониданд.



Ман бо ҳайрат нигоҳ кардам.

Он кас маънои нигоҳамро фаҳмида, гуфтанд:

- Аз афташ, занҳо шарм карда, ба хона намедароянд. Кӯдак бедор шуду гиря кард, ман гаҳвораашро ҷунбонидам...

Модари кӯдакро даъват кардем ва тифлашро ба ӯ супоридем.

Баъд Президент ҳамроҳи мо ба ҳамон «Нива»-и кӯҳна нишастанд. Соҳиби мошин аз шодӣ худро гум карда буд. Ҳангоми рондан гоҳо дастонашро ба сӯйи осмон мебардошт ва мегуфт:

- Худоё, аз ин дида хушбахтӣ мешавад?! Ман бо мошини худам Сарвари давлатро бурда истодаам! Афсӯс, касе нест, ки сурати моро бигирад!

Тақрибан якуним соат бо ҳамон мошин роҳи кӯҳиро тай карда, ба маркази ноҳия расидем. Чархбол аз мо пештар ба Мурғоб расида буд. Мардуми барои истиқбол ҷамъшуда дида буданд, ки чархбол холӣ аст ва ҳайрон монда буданд, ки Президент куҷост.

Ӯ бошад, аллакай бо роҳи заминӣ расида, ҳамроҳи сокинони Мурғоб суҳбат дошт.

Ин лаҳзаро барои он нақл мекунам, ки як хислати Эмомалӣ Раҳмонро нишон диҳам: вақте барои расидан ба ҳадаф тасмим мегирифтанд, мушкилӣ он касро аз роҳ барнамегардонд.

### САФАРЕ, КИ ҲАТТО РАИСИ ВИЛОЯТ ХАБАР НАДОШТ

Сафари дигари фаромӯшнашаванда сафари нахустини Эмомалӣ Раҳмон ба Хоруғ буд. Он солҳо вазъияти Бадахшон бисёр мураккаб буд. Аз сафари Роҳбари давлат қариб касе хабар надошт. Чархболи мо ба қароргоҳи нерӯҳои сарҳадбони Русия фуруд омад. Вақте ба толори маҷлис ворид шудем, раиси вилоят Президентро диду аз сухангӯӣ бозмонд. Пас аз лаҳзае ба худ омаду қарсак зад.

Аҳли толор нахуст ҳайрон шуданд, баъд ба қафо нигариста, Эмомалӣ Раҳмонро диданд ва ҳама аз ҷой бархостанд. Президент рост ба минбар рафтанд. Ҳанӯз суханронии он кас ба охир нарасида буд, ки хабар расид:

- Зиёда аз якуним ҳазор силоҳбадаст толорро иҳота кардаанд.

Вазъро ба Президент фаҳмонидам.

Гуфтанд:

- Рав, пурс, чӣ мехоҳанд.

Назди онҳо баромадам.

Гуфтанд:

- Ҷаро моро ба мулоқот даъват накардед? Мо ҳам бо Президент гап дорем.

Ба толор баргашта, вазъро гуфтам.

Ҷавоб доданд:

- Бигзор намояндаҳояшон дароянд. Фақат эҳтиёт кунед, тирпаронӣ нашавад. Дар ин ҷо мардуми бесилоҳ нишастаанд. Ман намехоҳам касе осеб бинад.

Дар он лаҳза, ки худи ҷони Президент дар хатар буд, аввалин нигаронии он кас амнияти мардум буд.

Якчанд нафар аз намояндагони гурӯҳи мусаллаҳ вориди толор шуданд. Дар миёни онҳо шахсе буд бо лақаби «Гарбун». Ӯ ба минбар баромад ва микрофонро гирифта, гуфт:

- Ман давлати шуморо эътироф намекунам.

Эмомалӣ Раҳмон оромона ҷавоб доданд:

- Дар як оила чанд фарзанд бошад, мумкин якеаш нисбати падару модар нописандӣ кунад. Ман ба ин ҷо барои он наомадаам, ки ту маро эътироф мекунӣ ё не. Ман барои мулоқот бо мардум омадаам. Инҳо миллати мананд ва ин ҷо Ватани ман аст.

Аҳли толор аз ҷой боло шуданд, қарсак заданд.

Ин ба "Гарбун" писанд наомад.

- Ман очаи шуморо нишон медиҳам,- гуфт.

### СУЛҲРО БО ҶАСОРАТ ҲИФЗ КАРДАНД

Ман ин ду ҳодисаро аз миёни даҳҳо сафари он солҳо мисол овардам, ки як ҳақиқат равшан шавад: роҳи сулҳи Тоҷикистон дар толорҳои бароҳат тай нашудааст. Он роҳ аз миёни кӯҳҳои пурбарфи Мурғоб, аз роҳҳои хатарноки Бадахшон, аз миёни гурӯҳҳои мусаллаҳ ва аз мулоқотҳои рӯ ба рӯ бо одамоне мегузашт, ки ҳанӯз ҳукумати қонуниро эътироф намекарданд.

Дар чунин лаҳзаҳо роҳбар метавонад роҳи осонро интихоб кунад - баргардад, худро аз хатар дур созад, мулоқотро мавқуф гузорад.

Аммо Эмомалӣ Раҳмон борҳо роҳи дигарро интихоб мекарданд: рафтан ба назди мардум, шунидани онҳо ва аз роҳи интихобшуда барнагаштан.

Имрӯз, вақте мо аз сулҳу суботи Тоҷикистон сухан мегӯем, бояд бидонем, ки ин оромӣ ба осонӣ ба даст наомадааст.

Сулҳро имзо кардан кофӣ нест.

Сулҳро бояд ҳифз кард. Барои сулҳ, лозим ояд, бояд ҷони худро ба хатар гузошт.

Ва он гаҳворае, ки дар як хонаи одии қирғиз дар Мурғоб Сарвари давлат ҷунбониданд, барои ман то имрӯз як рамзи бузург боқӣ мондааст: Гаҳвораи ваҳдат. Гаҳвораи сулҳ.

# МАН ШОҲИДИ ҲОЛ БУДАМ



*Рамазон МИРЗОЕВ, ходими давлатӣ, собиқ сафири Тоҷикистон дар Русия ва Эрон*



> **СУЛҲИ ТОҶИКОН ОСОН БА ДАСТ НАОМАДААСТ. ПАСИ ҲАР САНАДЕ, КИ БАЪДАН БО НОМИ СУЛҲУ РИЗОИЯТ САБТ ГАРДИД, СОАТҲОИ ТӮЛОНИИ МУЗОКИРА, БАҲСҲОИ САХТ, ГУЗАШТҲО, ҶАСОРАТ ВА ИРОДАИ СИЁСӢ МЕИСТОДАНД.**

Ман ҳамчун шоҳиди бевоситаи баъзе аз он рӯйдодҳо метавонам бигӯям, ки нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расидан ба сулҳ ва баъдан таҳкими он бисёр бузург аст.

## ШАБИ ПЕШ АЗ ИМЗО

Яке аз рӯзҳое, ки ҳеҷ гоҳ аз хотирам намеравад, 26-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав аст. Он рӯз музокироти ҳайатҳои Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифин идома дошт. Ҳайати ҳукуматиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарӣ менамуданд. Аз ҷониби мухолифин Саид Абдуллоҳи Нурӣ, Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ва дигарон иштирок мекарданд. Ман ҳам ҳамчун сафир дар он музокирот иштирок мекардам.

Гуфтушунид то соатҳои сеюними шаб идома ёфт. Баҳсҳо бисёр тӯлонӣ ва душвор буданд. Вазири корҳои хориҷии Русия Евгений Примаков, муовинаш Борис Пастухов ва дигар шахсони масъул низ иштирок доштанд, аммо то охири шаб ҷонибҳо ба хулосаи ниҳоӣ омада наметавонистанд.

Ҳол он ки, субҳи рӯзи дигари 27-уми июн дар Кремл бояд санади сулҳ ба имзо мерасид.

Меҳмонон даъват шуда буданд. Намояндагони давлатҳои ҳамсоя, кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ҳузур доштанд. Агар баъди ин ҳама музокирот санад ба имзо намерасид, вазъият хеле ногувор мешуд.

Ниҳоят Евгений Примаков аз ҷой бархост ва пешниҳод кард:

- Пагоҳ соати ҳафти субҳ дар утоқи ман ҷамъ мешавем ва ин масъаларо ба анҷом мерасонем.

## СОАТИ ҲАФТИ СУБҲ

Субҳи 27-уми июн ҳама боз ҷамъ омадем. Ҳайати ҳукуматӣ бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон, ҳайати мухолифин бо Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ва дигарон ҳузур доштанд. Гуфтушуниди шаби гузашта аз нав идома кард. Баҳс боз ҳам тӯл кашид.

Дар ҳамин лаҳза Президенти Тоҷикистон ташаббус нишон доданд. Он кас чанд нафар аз шахсони асосии музокиротро даъват карда, дар гӯшае бо онҳо суҳбати алоҳида анҷом доданд. Ман он суҳбатро нашунидам. Танҳо ҳамон нафароне, ки дар он ҳузур доштанд, медонанд, ки чӣ гуфта шуд.

Аммо натиҷаашро дидам. Баъди анҷоми суҳбат ҳама ба ҷойҳои худ баргаштанд ва санадҳо мувофиқа шуданд.

Соати даҳ ба Кремл рафтем. Ва ниҳоят он чизе, ки мардуми Тоҷикистон солҳо интизор буданд, ба воқеият табдил ёфт: санади сулҳ ба имзо расид.

Ба назари ман, ҳамон суҳбати кӯтоҳу ҳалкунанда яке аз лаҳзаҳои бисёр муҳими он рӯзи таърихӣ буд.

## «ТО ОХИРИН ГУРЕЗА БАРНАГАРДАД...»

Аммо имзои санад ҳанӯз анҷоми кор набуд. Аз ҳамон рӯз марҳалаи аз он ҳам душвортари иҷрои шартҳои сулҳ ва барқарор кардани зиндагии осоишта оғоз ёфт.

Ман як сухани Эмомалӣ Раҳмонро хуб дар хотир дорам. Он кас таъкид мекарданд, ки то охирин гурезаи тоҷикро, дар ҳар куҷое, ки бошад, ба Ватан барнагардонад, худро ором ҳис нахоҳад кард.

Ин сухан танҳо ваъда набуд. Ман минтақаҳои атрофи Мазори Шарифро хуб медонистам. Ҳанӯз дар замони шуравӣ ҳамчун мутахассис дар он ҷо фаъолият карда будам. Ҷойҳое буданд, ки гурезаҳои тоҷик дар ҳаймаҳо зиндагӣ мекарданд. Биёбон, гармӣ, шароити сангин... Дар чунин маконҳо зиндагӣ кардан ниҳоят душвор буд. Аммо он мардум тадриҷан ба Ватан баргардонида шуданд.

Чӣ гуна амалӣ шудани ин кор худ қиссаи тӯлонӣ ва пурмашаққат аст. Муҳим он буд, ки сухани гуфташуда иҷро шуд.

Ваъдаи дигари Эмомалӣ Раҳмон низ амалӣ гардид:

«Ман ба Тоҷикистон сулҳ меорам». Сулҳ омад.

Ва баъд аз сулҳ марҳалаи созандагӣ оғоз ёфт.

## ДУШАНБЕИ СОЛИ 1992-РО ФАРОМӮШ НАКУНЕД

Барои фаҳмидани роҳи тайкардаи Тоҷикистон бояд солҳои 1992-1993-ро ба ёд овард.

Баъд аз Иҷлосияи XVI мо ба Душанбе баргаштем. Вазъ он қадар вазнин буд, ки рӯзона дар бинои корӣ то соатҳои чору панҷи саҳар кор мекардем.

Имрӯз, вақте ба Душанбе, ба роҳҳо, пулҳо, нақбҳо, иншоот ва шаҳрҳои обод назар мекунем, баъзан фаромӯш мекунем, ки Тоҷикистон аз кадом нуқта ин роҳро оғоз карда буд. Барои баҳо додан ба натиҷаҳо бояд Тоҷикистони соли 1992-ро бо Тоҷикистони соли 2026 муқоиса кард. Танҳо он вақт ҳаҷми заҳмат ва роҳи тайшуда аён мегардад.

## ДАР САФАРҲОИ РАСМӢ ҲАМ ФИКРИ ОБОДИИ ВАТАН

Як хотираи ба назари аввал сода, аммо он барои шинохти муносибати Роҳбари давлат ба Ватан бисёр муҳим дорам. Вақте ман сафири Тоҷикистон дар Русия ва баъдан дар Эрон будам, Президенти мамлакат ба ин кишвар сафарҳои расмӣ анҷом медоданд.

Дар чунин сафарҳо баробари мулоқотҳои давлатӣ ба мо супориш медоданд, ки навъҳои дарахту гулеро пайдо кунем, ки дар Тоҷикистон нестанд.

Баъзан субҳ моро даъват мекарданд:

- Рамазон, канӣ, дарахтҳоро нишон деҳ.

Як навъро медиданд:

- Аз ҳамин даҳ дона бор кунед.

Дигарашро нишон медодем:

- Аз ин бист дона гиред...

Ҳамин тавр, ба ҳавопаймое, ки ҳайати расмӣ бо он омада буд, дарахту ниҳол ва гул бор мекардем ва ба Тоҷикистон меовардем.

Баъзеҳо аз ин манзара ҳайрон мешуданд: ҳавопаймои роҳбари давлат аст, аммо бо он ниҳолу дарахт мебаранд.

Имрӯз бошад, вақте ба боғҳои Ваҳдат, Ҳисор ва дигар минтақаҳо менигарам, мефахмам, ки ҳатто ҳамин корҳои ба назар хурд низ қисми як ҷаҳонбинӣ буданд: Тоҷикистон бояд сабз, обод ва зебо бошад.

## БАРҚАРОРИИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ

Як иқдоми дигари Роҳбари давлатро дар овардани турбати шахсиятҳое, ки берун аз Тоҷикистон фавтида ё ба қатл расида буданд ва ба хок супоридани онҳо дар Ватан, набояд фаромӯш кард.

Солҳои тӯлонӣ касе ба ин масъала ба таври ҷиддӣ рӯй наоварда буд. Ҳол он ки сухан дар бораи шахсиятҳое мерафт, ки дар марҳалаҳои гуногуни таърих барои давлатдории тоҷикон, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҷойгоҳи Тоҷикистон талош карда буданд. Овардани ҷасади онҳо ба Ватан танҳо як амали рамзӣ ё ташрифотӣ набуд. Ин, пеш аз ҳама, барқарор кардани адолати таърихӣ, эҳёи хотираи миллӣ ва адои қарз дар назди фарзандони миллат буд.

Бо ин амал на танҳо ҷасади шахсиятҳо ба хоки Ватан баргардонида шуд, балки номи онҳо низ дубора ба хотираи ҷомеа ворид гардид. Ин як навъ пайванди гусастаи таърихро аз нав барқарор кардан буд.

Ба назари ман, миллате, ки шахсиятҳои худро қадр мекунад, дар асл ба таърихи худ эҳтиром мегузорад. Ва давлате, ки хотираи фарзандони барӯманди худро зинда медорад, пояҳои маънавии давлатдории худро низ таҳким мебахшад.

Аз ҳамин ҷиҳат, ман ин иқдомро низ як навъ қаҳрамонӣ медонам - қаҳрамонии барқарор кардани ҳақиқати таърих ва овардани турбати фарзандони миллат ба оғӯши Ватан.

## КИТОБЕ, КИ ҶАВОНОН БОЯД ХОНАНД

Китоби «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» як падидаи нав дар бораи шахсиятҳои таърихист. Он бисёр воқеаҳоеро ҷамъ овардааст, ки ҷавонони имрӯз аз онҳо огоҳии кофӣ надоранд. Насле ба камол расидааст, ки Тоҷикистонро танҳо дар шароити сулҳ дидааст. Онҳо садои тирпарронии Душанбе, хаймаҳои гурезагони тоҷик дар Афғонистон, шабҳои кори то саҳар, сафар бо БТР, музокироти то субҳ давомкардаи Маскавро надидаанд.

Ин, албатта, хушбахтии онҳост. Аммо онҳо бояд бидонанд, ки сулҳу ободии имрӯз аз куҷо оғоз шуд ва бо чӣ қимат ба даст омад. Аз ҳамин сабаб ман ҷонибдори онам, ки ин китоб ба китобхонаҳои мактабҳо, донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ дастрас гардад. Ҷавонон бояд онро хонанд. На танҳо барои донистани корномаҳои Пешво, ё як давраи сиёсӣ. Барои он ки таърихи давлати худро донанд. Барои он ки фаҳманд, ки роҳи тайкардаи падаронашон осон набуд.



*Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА, академик*

# КОРНОМАИ СУЛҲ ДАР ОИНАИ ЯК КИТОБ

**ДАР ОН СОЛҲО ЯКЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ АСОСӢ ПЕШГИРӢ АЗ ИДОМАИ ҶАНГ ВА ПАЙДО КАРДАНИ РОҲИ ГУФТУШУНИД БУД. РОҲБАРИ ДАВЛАТ БОЯД ҲАМЗАМОН БО ГУРӮҲҲОИ ГУНОГУНИ СИЁСӢ, НАМОЯНДАГОНИ ҶОМЕА ВА МИЁНАРАВОНИ ХОРИҶӢ КОР МЕКАРДАНД ВА РОҲҲОИ НАЗДИК НАМУДАНИ МАВҚЕЪҲОРО МЕҶУСТАНД. МУАЛЛИФИ КИТОБИ “ПРЕЗИДЕНТ: АЗ ХУСДЕҲ ТО СИНГАПУР” МАҲЗ ҲАМИН ҶИҲАТИ ФАЪОЛИЯТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОНРО ДАР МАРКАЗИ ТАВАҶҶУҲ ҚАРОР ДОДААСТ.**

Боиси хушнудист, ки дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлолиятӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон китобу мақолаҳои зиёде ба нашр мерасанд, ки ба таҳқиқу бозгӯии марҳалаҳои муҳими таърихи навини давлатдории тоҷикон бахшида шудаанд. Ҳар яке аз чунин асарҳо аз як зовия роҳи тайкардаи ҷомеаи моро дар солҳои соҳибистиқлолӣ арзёбӣ мекунанд ва барои шинохти воқеаҳои сарнавиштсоз аҳаммияти муайян доранд.

Дар миёни ин осор китоби Шарифи Ҳамдампур бо номи «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» ҷойгоҳи хос дорад. Ба назари ман, ин китоб аз ҷумлаи асарҳоест, ки барои муаррифии шахсият, фаъолияти сиёсӣ ва корномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти муҳим касб мекунад.

Муаллиф асарро дар қолаби очерки ҳуҷҷативу публисистӣ таҳия намуда, онро ба бобҳои алоҳида тақсим кардааст. Ҳар боб як марҳалаи муҳими таърихӣ, сиёсӣ ё иҷтимоии кишварро фаро мегирад. Ин тарзи сохтори китоб ба хонанда имкон медиҳад, ки рӯйдодҳоро на ба таври пароканда, балки дар пайванди мантиқии онҳо дарк намояд.

Яке аз меҳварҳои асосии китоб талошҳои роҳбарияти олии кишвар барои расидан ба сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад. Муаллиф махсусан ба сафарҳое таваҷҷуҳ кардааст, ки дар шароити бисёр ҳассос ва пуртаҳлукаи солҳои аввали Истиқлол анҷом ёфтаанд. Ин сафарҳо танҳо ташрифҳои корӣ набуданд. Ҳар кадоми онҳо бо тақдири сулҳ, ояндаи давлат ва сарнавишти мардум иртибот дошт.

Дар китоб сафари Хусдеҳ, мулоқотҳо дар Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон, суҳбатҳо бо роҳбарони сиёсии минтақа ва муҳимтар аз ҳама, гуфтугӯҳои рӯ ба рӯ бо намояндагони мухолифин мавқеи махсус доранд.

Дар он рӯзҳо яке аз масъалаҳои асосӣ пешгирӣ аз идомаи ҷанг ва пайдо кардани роҳи гуфтушунид буд. Роҳбари давлат бояд ҳамзамон бо гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ, намояндагони ҷомеа ва миёнаравони хориҷӣ кор мекарданд ва роҳҳои наздик намудани мавқеъҳоро меҷустанд.

Муаллиф маҳз ҳамин ҷиҳати фаъолияти Эмомалӣ Раҳмонро дар маркази таваҷҷуҳ қарор додааст.

Бахшҳои марбут ба Хусдеҳ аз ҷумлаи қисматҳои муҳими китобанд. Дар онҳо муаллиф на танҳо воқеаи як мулоқотро тасвир мекунад, балки фазои он рӯзҳо, душвории қарорҳо ва масъулиятеро, ки бар дӯши Роҳбари давлат қарор дошт, нишон додан мехоҳад.

Мулоқот бо роҳбарияти вақти Афғонистон, суҳбат бо профессор Бурҳониддин Раббонӣ, гуфтугӯҳо бо Аҳмадшоҳи Масъуд ва пеш аз ҳама, рӯ ба рӯ нишастан бо рақибони сиёсӣ ба хотири пайдо кардани роҳи сулҳ аз лаҳзаҳое мебошанд, ки дар асар бо таваҷҷуҳи махсус ба қалам дода шудаанд.

Муаллиф кӯшиш мекунад нишон диҳад, ки дар чунин шароити мураккаб Сарвари давлат чӣ гуна мавқеи худро баён мекарданд, масъалаҳоро матраҳ менамуданд ва барои расидан ба ҳадафи эълоншудаи сулҳу суботи кишвар талош меварзиданд. Аҳаммияти ин бахшҳо дар он аст, ки онҳо хонандаро ба дохили воқеа мебаранд.

Сухан танҳо аз натиҷаи музокирот намеравад. Хонанда инчунин мефаҳмад, ки то расидан ба як созиш чӣ гуна баҳсҳо, мулоқотҳо ва гуфтушунидҳо сурат гирифтаанд.

## АЗ ВАЪДА ТО АМАЛ

Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз андешаҳои меҳварие, ки аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон садо дод, масъалаи овардани сулҳ ба кишвар буд.

Муаллифи китоб ин нуктаи таърихиро ҳамчун як хати асосӣ пайгирӣ мекунад. Ӯ мекӯшад нишон диҳад, ки он сухан танҳо як изҳороти сиёсӣ боқӣ намонд. Барои амалӣ намудани он сафарҳои зиёд анҷом дода шуданд, гуфтушунидҳои душвор баргузор гардиданд, бо мардум, намояндагони нерӯҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои гуногун мулоқот сурат гирифт.




Ба назари ман, яке аз бартариҳои китоб ҳамин аст, ки муаллиф роҳи аз ваъда то амалро нишон додан мехоҳад. Яъне, хонанда на танҳо мефаҳмад, ки ҳадаф чӣ буд, балки мебинад, ки барои расидан ба он чӣ гуна марҳилаҳо тай шудаанд.

## МУАЛЛИФ ШОҲИДИ РӮЙДОДҲО

Арзиши дигари китоб дар он аст, ки Шарифи Ҳамдампур дар қисме аз ин сафару мулоқотҳо худ ҳузур доштааст. Ӯ танҳо аз рӯйи маводи баъдтар ҷамъоваришуда сухан намегӯяд. Дар баробари санаду ҳуҷҷатҳо ва суҳбат бо иштирокдорони воқеаҳо, мушоҳидаҳои шахсии рӯзноманигор низ дар асар ҷой гирифтаанд. Ин омил ба матн хусусияти хос мебахшад.

Шоҳиди воқеа баъзан ҷузъиётеро мебинад, ки дар санади расмӣ сабт намешавад: лаҳзаи сукут, тарзи муносибат бо мардум, ҳолати равонӣ дар як мулоқоти душвор, сухане, ки берун аз протокол гуфта мешавад.

Дар очерки ҳуҷҷативу таърихӣ чунин ҷузъиёт барои зинда нигоҳ доштани муҳити давра аҳаммияти калон дорад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки чунин лаҳзаҳоро бо таҳлилҳои худ ва бо такя ба маводи ҷамъовардааш ба хонанда пешкаш намояд.

Дар китоб танҳо сафарҳои хориҷӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтаанд. Муаллиф ба сафарҳои душвору хатарноки Роҳбари давлат ба минтақаҳои дохили ҷумҳурӣ низ рӯ овардааст. Аз ҷумла, сафари нахустин ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, мулоқот бо гурӯҳҳои мусаллаҳ ва баррасии масъалаҳои мураккаби сиёсию иҷтимоии он давра дар асар инъикос шудаанд.

Ин бахшҳо барои хонандаи имрӯз махсусан муҳиманд. Зеро бо гузашти вақт бисёр чизҳо одӣ менамоянд. Имрӯз сафар ба ҳар минтақаи кишвар як амали маъмулист. Аммо дар он солҳо сафар ба баъзе минтақаҳо метавонист бо хатари ҷонӣ рӯ ба рӯ шавад. Аз ин хотир, барои фаҳмидани аҳаммияти он рӯйдодҳо онҳоро бояд дар муҳити замони худ арзёбӣ кард.

Муаллиф маҳз ҳамин корро анҷом медиҳад: воқеаро дар заминаи таърихии он мегузорад ва сипас ба таҳлили моҳияти он мепардозад.

Дар сохтори китоб як хусусияти дигар низ ба назар мерасад: муаллиф воқеаҳоро марҳала ба марҳала пайгирӣ мекунад. Аз рӯзҳои душвори оғози давлатдорӣ то сафарҳои музокиротӣ, аз гуфтугӯ бо мухолифин то фароҳам омадани заминаҳои сулҳи сартосарӣ. Ҳамаи ин дар як риштаи умумӣ ба ҳам пайваст шудаанд.

Дар маркази ин ришта нақши созандаи Роҳбари давлат қарор дорад. Муаллиф кӯшиш мекунад нишон диҳад, ки сулҳ якбора ба даст наомад. Он натиҷаи як силсила тасмимҳо, мулоқотҳо, музокирот ва гузаштҳои сиёсӣ буд.

Аз ҳамин ҷиҳат, китоб барои хонандаи имрӯз имконият медиҳад, ки на танҳо натиҷаи ниҳоӣ, балки раванди расидан ба он натиҷаро низ бубинад.

## АЗ СУЛҲ БА ДАВЛАТСОЗӢ

«Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» танҳо ба масъалаи сулҳ маҳдуд намешавад. Ҳатто номи китоб низ ин маъниро ифода мекунад.

Хусдеҳ ба марҳалаи душвори ҷустуҷӯи сулҳ иртибот мегирад. Сингапур бошад, рамзи марҳалаи дигар - таваҷҷуҳ ба таҷрибаи давлатҳои пешрафта, иқтисод, идоракунӣ ва рушди ҷомеа мебошад.

Яъне муаллиф мехоҳад роҳи васеътареро нишон диҳад: аз барқарор намудани сулҳ то таҳкими давлат, аз суботи сиёсӣ то ҷустуҷӯи роҳҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ. Ин мантиқи дохилии китоб ба назари ман дуруст интихоб шудааст.

Зеро сулҳ худ ҳадафи ниҳоӣ нест. Сулҳ заминаест барои давлатсозӣ, рушди иқтисод, маориф, фарҳанг ва беҳтар намудани зиндагии мардум.

Китоби мазкур, ба назари ман, барои таърихнигорон, рӯзноманигорон, муҳаққиқони соҳаи сиёсат ва умуман, барои аҳли ҷомеа аҳаммият дорад.

Дар баробари ин, услуби китоб низ қобили таваҷҷуҳ аст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки рӯйдодҳои мураккаби сиёсиро бо забони сода, фасеҳ ва фаҳмо баён намояд. Ин хусусият боиси он мегардад, ки асар танҳо барои мутахассисон набошад. Хонандаи одӣ низ метавонад онро мутолиа карда, муҳтавои рӯйдодҳоро дарк намояд.

Дар баробари санад ва таҳлил, истифодаи лаҳзаҳои зинда, суҳбатҳо ва тасвирҳо ба китоб хусусияти публисистӣ бахшидааст.

## КИТОБ БОЯД БА ҶАВОНОН РАСАД

Ба назари ман, хуб мебуд, ки «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» ба китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, инчунин муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дастрас гардад.

Ин зарурат пеш аз ҳама ба тарбияи насли ҷавон иртибот дорад. Ҷавонони имрӯз бисёре аз рӯйдодҳои солҳои аввали Истиқлолро надидаанд. Барои онҳо сулҳу субот як ҳолати табиии зиндагӣ менамояд. Аммо насли нав бояд бидонад, ки сулҳ чӣ гуна ба даст омад, давлат дар кадом шароит ташаккул ёфт ва барои расидан ба оромии имрӯза чӣ гуна талошҳо сурат гирифтанд.

Лаҳзаҳое, ки муаллиф дар китоб интихоб кардааст, бисёре аз онҳо воқеан тақдирсоз ва сарнавиштсозанд. Омӯзиши чунин рӯйдодҳо метавонад дар ташаккули ҳисси худшиносӣ, ватандӯстӣ ва масъулиятшиносии ҷавонон саҳм гузорад.

Ман фикр мекунам, ки ин китоб метавонад барои ҷавононе, ки мехоҳанд Ватанро бишносанд, ба таърихи давлатдории навини худ таваҷҷуҳ дошта бошанд ва дар оянда ба ҷомеа содиқона хизмат кунанд, ба як китоби рӯйи миз табдил ёбад. Зеро дар саҳифаҳои он танҳо рӯйдодҳо нестанд. Дар онҳо ҷасорат, масъулият, ирода, садоқат ба давлат ва талош барои сулҳу ваҳдат таҷассум ёфтааст.

Китоби «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» аз ҳамин дидгоҳ асари қобили таваҷҷуҳ аст. Он ба хонанда имконият медиҳад, ки ба баъзе аз саҳифаҳои муҳими таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол аз наздиктар назар кунад, роҳи расидан ба сулҳро беҳтар дарк намояд ва нақши шахсиятҳоро дар ин раванд арзёбӣ кунад.

# АЗ БУНЁДИ НИЗОМИ МУСТАҚИЛИ БОНКӢ ТО БОНКДОРИИ РАҚАМӢ

**ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИЗОМИ БОНКИИ МИЛЛӢ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ БУНЁДИ ДАВЛАТДОРИИ МУСТАҚИЛ БА ҲИСОБ МЕРАВАД. ТӮЛИ 35 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ НИЗОМИ БОНКИИ ТОҶИКИСТОН РОҲИ ПУРРАИ ТАШАККУЛ, ИСЛОҲОТ ВА НАВСОЗИРО ТАЙ НАМУДА, АЗ НИЗОМИ НАВТАШКИЛ ВА ОСЕБПАЗИРИ СОЛҲОИ АВВАЛИ ИСТИҚЛОЛ БА НИЗОМИ МУОСИРИ МОЛИЯВӢ ТАБДИЛ ЁФТ.**

Ин раванд дар заминаи сиёсати созанда ва бо роҳнамоиву дастгирии пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардид. Ташкили низоми мустақили пулӣ, таъсиси институтҳои асосии бонкдорӣ, ҷорӣ намудани пули миллӣ, рушди инфрасохтори пардохт, таҳкими танзиму назорат, густариши хизматрасониҳои молиявӣ ва гузариш ба технологияҳои рақамӣ марҳилаҳои асосии ин таҳаввулотро дар бар мегиранд.

Агар роҳи 35-солаи низоми бонкии Тоҷикистонро дар як занҷири мантиқӣ ҷамъбаст кунем, он чунин шакл мегирад: Бунёди сохторӣ → пули миллӣ → инфрасохтори пардохт → ислоҳоти ҳуқуқӣ → устувории молиявӣ → стандартҳои байналмилалӣ → фарогирии молиявӣ → рақамикунонӣ → пардохтҳои ғайринақдӣ.

## БУНЁДИ НИЗОМИ МУСТАҚИЛИ БОНКӢ ВА ПУЛИ МИЛЛӢ

Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ташкили низоми мустақили молиявию бонкиро ба миён гузошт. Дар оғози ин марҳила кишвар ҳанӯз низоми пулии мустақил надошт ва дар муомилот пулҳои давраи шӯравӣ ва баъдан пулҳои Федератсияи Русия истифода мешуданд. Дар чунин шароит зарурати ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии низоми бонкии миллӣ ба миён омад. Ва соли 1992 Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки марказии кишвар ба институти асосии танзими пулу қарз ва фаъолияти бонкӣ табдил ёфт.

Соли 1995 рӯйдоди таърихӣ ба амал омад: 10 май рубли тоҷикӣ ҳамчун пули миллии кишвар ба муомилот бароварда шуд. Ин қадам оғози воқеии ташаккули низоми мустақили миллии муомилоти пулӣ гардид. Ба ин васила, имкон фароҳам омад, ки сиёсати пулию қарзӣ дар асоси манфиатҳои иқтисоди миллӣ ташаккул дода шавад.

Соли 1996 қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» мақом, ҳадаф ва ваколатҳои бонки марказиро муайян намуда, дар ҳамкорӣ бо институтҳои байналмилалӣ заминаи ҳуқуқии сиёсати мустақили пулию қарзӣ фароҳам оварда шуд.Дар баробари ин, дар солҳои аввали истиқлол инфрасохтори бонкию пардохтӣ низ тадриҷан ташаккул ёфт. Соли 1995 хадамоти паёмҳои байнибонкӣ таъсис дода шуда, соли 1997 нахустин низоми пардохтҳои электронӣ ба роҳ монда шуд. Соли 1998 Бонки миллии Тоҷикистон ба шабакаи байналмилалии SWIFT пайваст гардид, ки барои анҷом додани пардохтҳои байналмилалӣ ва ҳамгироии низоми бонкии кишвар ба низоми молиявии ҷаҳонӣ аҳаммияти муҳим дошт.

Нуқтаи ниҳоии ин марҳила ва ҳамзамон оғози давраи нави рушди низоми бонкӣ 30 октябри соли 2000 гардид. Дар ин рӯз пули миллии «сомонӣ» ба муомилот бароварда шуд.

Ҳамин тавр, агар марҳилаи якумро бо як ибора тавсиф кунем, он марҳилаи ба даст овардани истиқлолияти пулӣ ва гузоштани таҳкурсии низоми миллии бонкӣ ба ҳисоб меравад.

## ТАҲКИМИ ИНСТИТУТҲО ВА ГУЗАРИШ БА НИЗОМИ МУОСИРИ МОЛИЯВӢ

Бо ҷорӣ гардидани сомонӣ имкониятҳои татбиқи сиёсати мустақили пулию қарзӣ васеъ гардиданд. Ва дар баробари таъсиси институтҳои бонкӣ баланд бардоштани самаранокии онҳо, ташкили инфрасохтори муосир ва таҳкими эътимод ба низоми молиявӣ низ аз ҳадафҳои асосӣ гардиданд.

Соли 2001 бо назардошти такмили сохтори пули миллӣ тангаҳои филизӣ ба муомилот бароварда шуд. Дар солҳои минбаъда абзорҳои сиёсати монетарӣ, аз ҷумла меъёри бозтамвил, захираҳои ҳатмӣ, амалиёт дар бозори озод ва механизмҳои танзими асъорӣ тадриҷан такмил ёфтанд. Соли 2002 бо роҳандозии маҷмааи «Палатаи ҳисоббаробаркунӣ» механизми ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ такмил дода шуда, мӯҳлати гузаронидани пардохтҳои байнибонкӣ то як рӯзи бонкӣ коҳиш ёфт. Ин қадам ба рушди инфрасохтори электронии пардохт замина гузошт.

Соли 2003 Кумитаи сиёсати монетарии Бонки миллии Тоҷикистон таъсис ёфта, назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ тадриҷан ба талаботи муосир мутобиқ гардид. Соли 2004 қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» барои ташаккули заминаи ҳуқуқии маблағгузории хурд ва васеъ гардидани дастрасии соҳибкорони хурд ба хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат намуд. Дар солҳои 2005–2008 фаъолияти низоми бонкӣ ба таъ-




мини бозори хизматрасониҳои бонкӣ, таҳкими эътимоди аҳолӣ, ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва сармояи хориҷӣ, инчунин шаффофияти фаъолияти молиявӣ ва мутобиқ намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ба стандартҳои байналмилалӣ равона гардид.

Соли 2009 заминаҳои ташкили фаъолияти бонкдории исломӣ ва низоми миллии мониторинги молиявӣ гузошта шуданд. Ин раванд баъдан ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкдории исломӣ» дар соли 2014 оварда расонд. Соли 2011 Бонки миллии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Алянси фарогирии молиявӣ гардид. Ин иқдом барои мубодилаи таҷрибаи байналмилалӣ дар самти дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва таҳияи сиёсати фарогирии молиявӣ заминаи нав фароҳам овард.

Яке аз дастовардҳои марҳилаи дуюм ташкили Низоми пардохти миллии «Корти миллӣ» дар соли 2012 мебошад. Таъсиси Маркази миллии протсессингӣ дар ташаккули инфрасохтори мустақили пардохтии кишвар нақши назаррас дорад. Соли 2013 заминаи ҳуқуқии танзими асъор такмил дода шуда, соли 2014 ҳамкорӣ бо ширкатҳои байналмилалии рейтингӣ, аз ҷумла «Moody's Investors Service» ва «Standard & Poor's» ба роҳ монда шуд.

Дар маҷмуъ, солҳои 2001–2014 марҳилаи гузариш аз ташкили низоми бонкӣ ба таҳкими сифатии он гардид. Дар ин давра заминаҳои ҳуқуқӣ, механизмҳои танзиму назорат, инфрасохтори пардохт ва робитаҳои байналмилалии низоми молиявӣ ба таври назаррас рушд карданд.

## ИСЛОҲОТИ СОХТОРӢ ВА РАҚАМИКУНОНИИ НИЗОМИ БОНКӢ

Марҳилаи сеюми рушди низоми бонкӣ бо тағйироти муҳим дар сиёсати танзим ва рушди соҳа оғоз гардид. Агар дар солҳои қаблӣ масъалаи асосӣ васеъ намудани шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва хизматрасониҳо бошад, аз соли 2015 таваҷҷуҳ бештар ба сифат, устувории молиявӣ, идоракунии хавфҳо, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва самаранокии ташкилотҳои қарзӣ равона шуд. Соли 2015 дар Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди сохторӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ таъсис дода шуд. Ин иқдом ҷиҳати таҳкими боварии аҳолӣ ва баланд бардоштани масъулияти ташкилотҳои қарзӣ дар назди муштариён амалӣ гардид. Солҳои 2016–2021 ислоҳоти сохторӣ ба таҳкими ташкилотҳои қобили фаъолият, тақвияти талаботи сармоя, беҳтар намудани идоракунии хавфҳо ва таҳкими назорати молиявӣ равона гардид. Дар натиҷа сохтори низоми қарзӣ нисбат ба давраҳои қаблӣ сифатан тағйир ёфт.

Соли 2017 механизми нави амалиёт дар бозори озод ҷорӣ гардида, нақши меъёри бозтамвил дар идоракунии пардохтпазирӣ ва танзими ҳаҷми пул тақвият ёфт. Ҳамзамон, ҳамин сол ваколати назорати суғуртавӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон вогузор гардида, назорати бозори суғурта ба доираи фаъолияти танзимгар ворид шуд. Соли 2018 масъалаҳои идоракунии корпоративӣ, аудити дохилӣ ва идоракунии хавфҳо ба яке аз самтҳои калидии ислоҳоти низоми бонкӣ табдил ёфтанд. Соли 2019 бо ба фаъолият оғоз кардани Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо инфрасохтори миллии интиқоли маблағҳо боз ҳам тақвият ёфт. Солҳои 2020–2021 таҳкими воситаҳои танзиму назорати асъор ва сиёсати монетарӣ идома дода шуд. Яке аз тағйироти муҳим гузариши тадриҷии Бонки миллии Тоҷикистон ба реҷаи ҳадафгирии таваррум буд. Ин раванд заминаи сифатан нави татбиқи сиёсати пулию қарзиро ба вуҷуд овард.

Соли 2022 Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026 қабул гардид. Дар меҳвари он дастрасии васеи аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, рушди хизматрасониҳои рақамӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявӣ қарор гирифт.

Соли 2023 раванди гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ суръати нав гирифт. Роҳандозии QR-рамзи ягона дар доираи Низоми пардохтҳои босуръат аз 1 августи соли 2023 имкон фароҳам овард, ки муштариён бо истифода аз ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои гуногуни қарзии молиявӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ пардохтҳои ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Соли 2024 таҳкими механизмҳои танзими бозори дохилии асъор ва қабули Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсати ХБА марҳилаи нави такмили сиёсати асъорӣ ва институтсионалиро нишон дод. Соли 2025 низоми бонкӣ ба таҳкими нишондиҳандаҳои молиявӣ, афзоиши иқтидори маблағгузории иқтисодиёт, беҳтар намудани сифати дороиҳо, идоракунии хавфҳо ва таҳкими идоракунии корпоративӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Ҳамин сол, бахшида ба 25-солагии ба муомилот баровардани сомонӣ аввалин бор пули коғазии ҷашнӣ бо арзиши номиналии 100 сомонӣ ба муомилот бароварда шуд.

Нишондиҳандаҳои соли 2026 аз тағйири миқёси низоми бонкии кишвар шаҳодат медиҳанд. Ба ҳолати 30 июни соли 2026 дар низоми бонкии Тоҷикистон 69 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 18 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 27 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 2 ташкилоти қарзии хурд ва 21 фонди қарзии хурд фаъолият намуда, шумораи воҳидҳои сохтории онҳо ба 1 971 адад расидааст. Дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба 63,6 млрд сомонӣ, сармояи онҳо ба 12,1 млрд сомонӣ, пасандозҳо ба 36,9 млрд сомонӣ ва ҳаҷми қарзҳои додашуда ба 16,9 млрд сомонӣ баробар шудааст.

Дар баробари афзоиши иқтидори молиявӣ, инфрасохтори низоми бонкӣ низ аз ҷиҳати технологӣ тағйир ёфтааст. Соли ҷориро метавон марҳилаи нави рушди низоми бонкӣ – рақамикунонӣ унвон кард. Ба санаи 30 июни соли 2026 дар кишвар 10 561 терминали электронӣ барои пардохтҳои ғайринақдӣ насб гардида, шумораи кортҳои пардохтӣ ба 12,4 миллион адад ва ҳамёнҳои электронӣ ба 19,8 миллион адад расидааст. Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасонӣ 41 фоизро ташкил медиҳад.

Имрӯз низоми бонкии кишвар бо дороиҳои даҳҳо миллиард сомонӣ, шабакаи васеи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, миллионҳо корт ва ҳамёни электронӣ, инфрасохтори васеи пардохтҳои рақамӣ ва воситаҳои муосири танзиму назорат ба марҳилаи нави рушди худ ворид шудааст. Дар маҷмуъ, низоме, ки дар оғози Истиқлол барои таъмини муомилоти пулӣ ва ташаккули институтҳо талош мекард, ҳоло дорои низоми миллии пардохт, инфрасохтор ва механизмҳои муосири электронии пардохт ва назорати бонкӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва стратегияи фарогирии молиявӣ мебошад.



# ДАРАХТЕ, КИ МЕВАИ ШИРИН ДОД

*Абдураҳим РАҶАБОВ,*
*генерал-майори мустаъфӣ*

**ВАҚТЕ ИНСОН АЗ ҶОНИ ФАРЗАНДАШ ХАВОТИР НЕСТ, ВАҚТЕ МЕДОНАД, КИ ФАРДО ҶАНГ ОҒОЗ НАМЕШАВАД, ОН ВАҚТ ХОНА МЕСОЗАД, ДАРАХТ МЕШИНОНАД, КОРХОНА БУНЁД МЕКУНАД ВА БАРОИ ОЯНДА НАҚША МЕКАШАД. СУЛҲ БА ИНСОН УМЕДИ ФАРДО МЕДИҲАД.**

Дар сарнавишти Тоҷикистони соҳибистиқлол сулҳ бузургтарин дастоварде буд, ки барои ҳамаи пешрафтҳои баъдӣ замина фароҳам овард. Ман инро чунин тасаввур мекунам: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарахтеро шинонданд, ки имрӯз мардуми тоҷик аз меваи ширини он баҳра мебаранд. Он дарахти сулҳу оштӣ ва ваҳдати миллӣ аст.

Агар он дарахт дар рӯзҳои бисёр душвор шинонда намешуд, имрӯз наметавонистем аз ободии кишвар, аз роҳу нақбҳо, рушди саноати кишоварзӣ, мактабу донишгоҳҳо ва дигар дастовардҳои давлат сухан гӯем.

Китоби Шариф Ҳамдампур - «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» маҳз аз ҳамин ҷиҳат барои ман ҷолиб аст. Дар он хонанда мебинад, ки сулҳ бо чӣ душвориҳо ба даст омадааст, Роҳбари давлат барои расидан ба он аз кадом роҳҳо гузаштааст ва дар чӣ гуна вазъиятҳои хатарнок қарор гирифтааст.

Дар китоб воқеаҳои Хусдеҳ мавқеи махсус доранд. Имрӯз мо аз сулҳ дар фазои ором сухан мегӯем. Аммо бояд тасаввур кунем, ки он рӯзҳо ба Хусдеҳ рафтан чӣ маъно дошт. Вазъияти Афғонистон мураккаб буд, ҳар лаҳза хатар вуҷуд дошт ва касе наметавонист кафолат диҳад, ки он сафар чӣ гуна анҷом меёбад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, Президенти Тоҷикистон ба он ҷо рафтанд.

Чаро?

Барои мулоқот бо роҳбарияти мухолифин, барои гуфтугӯйи рӯ ба рӯ ба барои пайдо кардани роҳи хотима додан ба ҷанг. Ба назари ман, ҳамин лаҳзаҳо моҳияти асосии китобро равшан мекунанд. Муаллиф танҳо натиҷаи сулҳро нишон намедиҳад. Ӯ мехоҳад ба хонанда фаҳмонад, ки то расидан ба сулҳ чӣ қадар роҳи душвор тай шудааст. Дар вазъияте, ки Тоҷикистон хатари пароканадашавиро аз сар мегузаронд, Роҳбари давлат аз гуфтугӯ канора нагирифтанд. Баръакс, ба минтақаи хатарнок рафта, бо рақиби сиёсӣ рӯ ба рӯ нишастанд. Ин ҷасорат буд. Аммо муҳимтар аз ҷасорат дарки масъулият дар назди давлату миллат буд.

Дар китоб масъалаи дигар низ хуб инъикос шудааст: пас аз расидан ба сулҳ Тоҷикистон имконият пайдо кард, ки мушкилоти солҳои зиёд ҷамъшударо тадриҷан ҳал намояд. Яке аз чунин масъалаҳо роҳ буд. Замоне буд, ки рафтуомади озод миёни минтақаҳои кишвар, махсусан дар фасли зимистон, кори бисёр мушкил ба ҳисоб мерафт. Барои рафтуомад ба шимоли мамлакат мушкилиҳои зиёд вуҷуд доштанд. Баъзе минтақаҳои кӯҳистон моҳҳо аз марказ дур мемонданд. Махсусан Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. Ман он рӯзҳоро хуб дар хотир дорам. Замоне, ки аз моҳи октябр ё ноябр боришҳо сар мешуданд, ба Бадахшон расидан осон набуд. Баъзан маҷбур мешудем аз тариқи Ҷумҳурии Қирғизистон, бо роҳи



Ош - Хоруғ ҳаракат кунем. Аз Мурғобу Ишкошим ва дигар самтҳо гузаштан худ як сафари сангин буд.

Имрӯз вазъият дигар аст. Сохтмони роҳҳо, пулҳо ва иншооти муҳими нақлиётӣ имкон дод, ки робитаи минтақа бо маркази мамлакат устувортар гардад. Имрӯз дар фаслҳои гуногуни сол сафар ба маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон имконпазир шудааст.

Таъсири сулҳро танҳо дар роҳу нақбҳо дидан дуруст нест. Ба иқтисодиёти Тоҷикистон назар кунед. Дар соҳаи кишоварзӣ тағйироти зиёд ба вуҷуд омад. Мардум боғ бунёд мекунанд, заминро обод месозанд, истеҳсолотро зиёд менамоянд...

Сулҳ ин имкониятҳоро дод.

Вақте инсон аз ҷони фарзандаш хавотир нест, вақте медонад, ки фардо ҷанг оғоз намешавад, он вақт хона месозад, дарахт мешинонад, корхона бунёд мекунад ва барои оянда нақша мекашад. Сулҳ ба инсон умеди фардо медиҳад.

Китоби «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур», ки ман онро китоби сулҳ, ё сулҳнома медонам, аз ҳамин дастовардҳо ҳикоят мекунад. Дар китоб муаллиф кӯшиш кардааст корҳоеро нишон диҳад, ки дар рӯзҳои душвортарини Тоҷикистон анҷом дода шуданд. Аз ин нигоҳ метавон гуфт, ки саргузашти ин китоб то андозае саргузашти як марҳалаи фаъолияти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аст.



# СУЛҲЕ, КИ БО ҲОСИЛИ ҶАСОРАТ АСТ

*Ҷамшед МУРТАЗОЗОДА,*
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,*
*профессор*

Басо рамзист, ки дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби журналист ва публитсист Шариф Ҳамдампур - «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» ба чоп расид. Ростӣ, ман ин китобро дар як шаб мутолиа намудам. Сабаби чунин зуд хондани китоб, пеш аз ҳама, дар он аст, ки муаллиф дар саҳи-

**КИТОБ ХОНАНДАРО ВОДОР МЕКУНАД, КИ БА СУЛҲИ ТОҶИКИСТОН НА ТАНҲО ҲАМЧУН ЯК ВОҚЕАИ СИЁСӢ, БАЛКИ ҲАМЧУН НАТИҶАИ ТАЛОШҲОИ ПАЙГИРОНА, МУЗОКИРОТИ ДУШВОР, САФАРҲОИ ХАТАРНОК ВА ИРОДАИ УСТУВОРИ СИЁСӢ НАЗАР КУНАД.**

фаҳои он заҳматҳои шабонарӯзӣ, ҷасорат ва ҷонфидоии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар яке аз ҳассостарин ва сарнавиштсозтарин давраҳои таърихи навини кишвар ба риштаи тасвир кашидааст.

Китоб хонандаро водор мекунад, ки ба сулҳи Тоҷикистон на танҳо ҳамчун як воқеаи сиёсӣ, балки ҳамчун натиҷаи талошҳои пайгирона, музокироти душвор, сафарҳои хатарнок ва иродаи устувори сиёсӣ назар кунад.

Яке аз бахшҳои муҳим ва таъсирбахши китоб ба воқеаҳои Хусдеҳ бахшида шудааст. Дар он шароити басо мураккаб Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо вуҷуди хатарҳои мавҷуда ба он ҷо сафар намуда, бо роҳбарияти мухолифин рӯ ба рӯ гуфтушунид карданд. Моҳияти ин иқдом, ба назари ман, хеле амиқ буд. Дар вазъияте, ки ҳалли масъала бо роҳи низомӣ метавонад ҷангро боз ҳам тӯлонӣ кунад, Роҳбари давлат роҳи дигарро интихоб намуд: роҳи гуфтугӯ, созиш ва дароз кардани дасти сулҳ.

Дар китоб аз вазъи бисёр душвори Афғонистон низ ёд мешавад. Он солҳо сафар ба баъзе минтақаҳои он кишвар метавонист ба хатари воқеӣ барои ҷони иштирокдорони музокирот табдил ёбад.

Аммо, бо вуҷуди ин, сафарҳо анҷом меёфтанд. Дар яке аз чунин лаҳзаҳо Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми омодагӣ ба парвоз бо чархбол суханеро баён мекунад, ки ҳар кас омодаи гузаштан аз ҷони худ бошад, метавонад ба ӯ ҳамроҳ шавад.

Ба назари ман, ин ҷумла танҳо як сухани эҳсосӣ нест. Он вазъияти ҳамон рӯзҳоро баён мекунад. Роҳбари давлат ба ҷойе мерафт, ки хатари воқеӣ вуҷуд дошт, аммо расидан ба сулҳро аз хатар болотар гузошта буд. Ин гуна лаҳзаҳо дар китоб бисёранд ва маҳз онҳо ба хонанда имкон медиҳанд, ки моҳияти воқеии роҳи сулҳро дарк кунад.

Имрӯз, ки мо дар фазои сулҳу субот зиндагӣ мекунем, шояд барои насли ҷавон тасаввур кардани он рӯзҳо осон набошад. Аммо сулҳи имрӯза натиҷаи як рӯз ё як санад нест. Он натиҷаи солҳо талош, музокира, гузашт, сабр ва масъулият мебошад.

Аз ҳамин рӯ, арзиши китоби «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» дар он аст, ки хонандаро ба паси пардаи рӯйдодҳо мебарад.

Муаллиф роҳи минбаъдаи Тоҷикистонро низ пайгирӣ мекунад: аз баркарор шудани сулҳу субот то созандагӣ, рушди иқтисод, бунёди роҳу нақбҳо, нерӯгоҳҳо ва густариши робитаҳои байналмилалӣ.

Ҳамин пайванди сулҳ ва рушд хеле муҳим аст. Зеро давлате, ки дар он ҷанг идома дорад, наметавонад иқтисоди худро устувор рушд диҳад, сармоя ҷалб кунад, роҳ созад, мактаб бунёд намояд ва барномаҳои дарозмуддатро амалӣ созад. Аввал бояд сулҳ бошад. Баъд заминаи пешрафт пайдо мешавад.

Ба назари ман, ин китоб барои насли ҷавон низ аҳаммияти махсус дорад. Ҷавонони имрӯз бояд донанд, ки сулҳу оромӣ худ аз худ ба даст наомадааст. Онҳо бояд донанд, ки барои ба даст овардани субот чӣ қадар талош сурат гирифтааст. Китоб дар ҳамин самт вазифаи тарбиявӣ низ иҷро мекунад. Он ҷасорат, масъулият, ватандӯстиро нишон медиҳад. Ва муҳимтар аз ҳама, нишон медиҳад, ки дар лаҳзаҳои сарнавиштсоз шахсият чӣ гуна метавонад ба раванди таърих таъсир расонад.

Аз ҳамин рӯ, ман китоби «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур»-ро танҳо як асари публитсистӣ намедонам. Он барои хонандаи имрӯз як навъ бозгашт ба рӯзҳое мебошад, ки сарнавишти давлат ва миллат ҳал мешуд.

**ПАРОДОНТИТ, КИ ПЕШТАР БЕШТАР БЕМОРИИ ОДАМОНИ СИННУ СОЛАШОН КАЛОНТАР БА ҲИСОБ МЕРАФТ, ИМРӮЗ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОНИ 25-30-СОЛА НИЗ БЕШТАР БА МУШОҲИДА МЕРАСАД. МУТАХАССИСОН БАР ИН НАЗАРАНД, КИ ДАР БИСЁР ҲОЛАТҲО САБАБИ АСОСӢ НА СИННУ СОЛ, БАЛКИ ТАРЗИ ҲАЁТ ВА ОДАТҲОИ НОДУРУСТИ РӮЗМАРРА МЕБОШАНД.**



# «ҚОТИЛИ ХОМӮШ»-И ДАНДОНҲО

Ба гуфтаи мутахассисон, бар хилофи тасаввури маъмул, то синни 40-солагӣ сабаби аз даст додани дандонҳо на ҳамеша кариес аст. Дар бисёр ҳолатҳо маҳз пародонтит ба ин мушкил оварда мерасонад. Агар кариес худи дандонро осеб диҳад ва одатан бо пайдо шудани дард зуд ба назар расад, пародонтит метавонад муддати дароз кариб бе дард пеш равад. Бинобар ин онро баъзан «қотили хомӯш»-и дандонҳо меноманд.

Беморӣ аз ҷамъшавии қабати бактериявӣ дар атрофи дандонҳо оғоз меёбад. Бо гузашти вақт ин қабат сахт шуда, ба санги дандон табдил меёбад ва боиси илтиҳоби милки дандон мегардад. Агар ин раванд сари вақт пешгирӣ нашавад, бофтаҳои нигоҳдорандаи дандон ва устухони ҷоғ осеб мебинанд. Дар натиҷа дандонҳо метавонанд суст ва ҷунбанда шуда, ҳатто дар синни ҷавонӣ аз даст раванд.

Аз нишонаҳои аввалини беморӣ хуншории милки дандон ҳангоми шустан, бӯйи нохуши даҳон ва акиб рафтани милк, ки боиси зоҳир шудани қисми зиёди дандон ва решаи он мегардад, мебошанд. Ҷунбидани дандон аллакай метавонад нишонаи пешрафти беморӣ бошад.

Стресс, камхобӣ, тамокукашӣ, истифодаи вейпҳо ва риоя накардани гигиенаи даҳон аз омилҳои мусоидаткунанда ба беморӣ ба шумор мераванд.

Барои пешгирӣ муоинаи мунтазами духтури дандон, тоза кардани касбии дандонҳо ва риояи гигиенаи дурусти даҳон муҳим аст. Истифодаи риштаҳои дандонпизишкӣ ё ирригатор низ метавонад ба нигоҳубини ҷойҳои душвордастрас мусоидат кунад. Муҳимтар аз ҳама, хунравии милкро нодида нагиред: табобати барвақт метавонад аз осеби ҷиддии милк ва устухон пешгирӣ кунад.

# СИПАРИ ҶИСМИ ИНСОН

**ОРГАНИЗМИ МО БАРОИ ТАҚВИЯТИ МАСУНИЯТ БА ВИТАМИНИ С НИЁЗ ДОРАД.**

Вақте ки аксари одамон дар бораи ин витамин мешунаванд, фавран ба хотир афлесун меояд. Аммо чизи ҷолиб ин аст, ки афлесун танҳо як манбаи оддии витамини С аст.

Дар асл, бештарин витамини С-ро аз қаланфури булғорӣ гирифтан мумкин аст!

**Биёед муқоиса кунем:**
- *Афлесун - 60 мг витамини С;*
- *Ананас - 79 мг;*
- *Клубника - 80 мг;*
- *Манго - 122 мг;*
- *Киви - 128 мг;*
- *Брокколи - 81 мг;*
- *Қаланфури булғорӣ - аз 95 то 340 мг!*

Пас, қаланфури булғорӣ қариб 6 маротиба бештар аз афлесун витамини С дорад! Аз ин рӯ, агар шумо хоҳед, ки масуниятро ба таври табиӣ афзоиш диҳед қаланфури булғориро ба пархези худ илова кунед.



# ГАНҶИ СЕРҒИЗОИ ТАБИАТ

**ЧОРМАҒЗ ЯКЕ АЗ МАҲСУЛОТИ СЕРҒИЗО БУДА, ДАР ТАРКИБАШ САФЕДА, РАВҒАНҲОИ МУФИД, КАРБОГИДРАТҲО, ВИТАМИНҲО ВА МИНЕРАЛҲОИ ГУНОГУН МАВҶУДАНД.**



Мағзи чормағз махсусан бо равған ва кислотаҳои равғании омега-3 маъруф аст. Аммо бо вуҷуди фоидаҳои зиёд, онро бояд ба меъёр истеъмол кард, зеро маҳсулоти серкалория мебошад. Дар 100 грамм мағзи чормағз тақрибан 654 килокалория мавҷуд аст. Аз ин рӯ, истеъмоли зиёди он метавонад боиси афзоиши вазн гардад.

Яке аз бартариҳои чормағз таъсири эҳтимолии он ба фаъолияти мағзи сар ва низоми асаб мебошад. Дар таркибаш триптофан мавҷуд аст, ки дар тавлиди серотонин ва мелатонин дар организм нақш дорад. Ин моддаҳо бо танзими рӯҳия ва давраи хоб алоқаманданд. Аз ин рӯ, ворид кардани миқдори мувофиқи чормағз ба ғизои рӯзмарра метавонад як ҷузъи пархези солим барои беҳтар нигоҳ доштани хоб ва ҳолати рӯҳӣ бошад.

Чормағз инчунин дорои витаминҳои гурӯҳи В, аз ҷумла биотин (витамини В7) мебошад. Биотин барои фаъолияти муътадили организм ва нигоҳдории солимии пӯсту мӯй зарур аст. Равғанҳои муфиди чормағз низ метавонанд ба нигоҳ доштани намнокӣ ва солимии пӯст мусоидат кунанд.

Кислотаҳои равғании омега-3 ва дигар моддаҳои антиоксидантии он барои саломатии дилу рагҳо аҳаммият доранд. Ғизои дорои чормағз ба беҳтар нигоҳ доштани сатҳи холестерин ва саломатии умумии дил мусоидат кунад.

Дар тиби мардумӣ чормағзро барои қувватбахшӣ ва барқарор намудани неру истифода мебурданд. Аммо бояд эҳтиёт кард: иддаоҳо дар бораи он ки омехтаи чормағз ё пӯсти он бо асал метавонад аденомаро табобат кунад, далели кофии илмӣ надоранд ва набояд ҷойгузини табобати духтур шаванд.

Ҳамин тавр, чормағз маҳсулоти фоиданок аст, вале меъёр муҳим мебошад. Барои шахсони дорои вазни зиёдатӣ назорати миқдори истеъмол махсусан зарур аст.

# Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Ҳафтаи нав барои ҳамалҳо пур аз кору ташвиш хоҳад буд. Мушкилоти пешомадаро ба фардо нагузоред ва ҳар масъаларо сари вақт ҳал кунед. Серкорӣ метавонад сабаби асабоният гардад, аз ин рӯ худро бештар идора намоед.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Саратонҳо дар ин ҳафта набояд фурсатҳоро аз даст диҳанд. Агар ташаббус нишон дода, бештар фаъол бошед, метавонед ба натиҷаҳои хуб ноил гардед. Барои бекорон эҳтимоли пайдо шудани ҷойи кори муносиб зиёд аст.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Мизонҳо ин ҳафта бояд бо рӯҳияи баланд ба пеш ҳаракат кунанд ва ба мушкилоти муваққатӣ аҳамияти зиёд надиҳанд. Ба баҳсҳои атрофиён даxолат накунед, зеро мункишаи дигарон метавонад ба мушкили шахсии шумо табдил ёбад.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Ҷаддиҳо дар ҳафтаи нав нерӯи кофӣ доранд, ки ҳам корҳои шахсӣ ва ҳам масъалаҳои муҳими зиндагиро ба хубӣ идора намоянд. Аз гузоштани ҳадафҳои калон натарсед ва барои расидан ба он қадамҳои устувор гузоред.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Саврҳо дар ин ҳафта бояд сабру таҳаммулро пеша намоянд ва пеш аз ҳама корҳои нимтамомро ба анҷом расонанд. Дар масъалаҳои корӣ имкони пайдо кардани ҳамкорони нав ва боэътимодро доред.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Шуморо ҳафтаи пуркорӣ интизор аст ва эҳтимол барои истироҳат вақти кам пайдо кунед. Бисёр корҳое, ки ба нақша гирифтаед, метавонанд бо муваффақият анҷом ёбанд, аз ин рӯ аз имкониятҳои фароҳамомада самаранок истифода баред.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Ақрабҳо дар ҳафтаи нав нерӯи зиёд эҳсос карда, қодиранд ҳатто корҳои душворро ба осонӣ ба анҷом расонанд. Аз ин имконият истифода бурда, масъалаҳои дермондаро ҳал кунед. Бо вуҷуди ин, ҳангоми ҳаракат дар роҳ эҳтиёткор бошед.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Далвҳо дар ин ҳафта бояд бодиққат ва дурандеш бошанд. Ҳар як карори муҳимро пеш аз амал кардан хуб санҷед, беэҳтиётӣ метавонад ба мушкилоти калон оварда расонад. Бо вуҷуди серташвиш будани рӯзҳо, вазъи молиявӣ рӯ ба беҳбудӣ меорад.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Дар ҳафтаи нав барои қабули қарорҳои муҳим шитоб накунед. Пеш аз сармоягузорӣ ё харҷи маблағи калон бо шахсони соҳибтаҷриба маслиҳат кардан ба фоидаи шумост. Дар муносибатҳои шахсӣ рӯйдодҳои гуворо дар пешанд.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Сунбулаҳои соҳибмансаб ва тоҷирон бояд ҳафтаро бо ба тартиб даровардани ҳуҷҷатҳо ва санҷиши корҳои анҷомдода оғоз кунанд. Камбудиҳои хурд метавонанд баъдтар мушкилиҳои ҷиддӣ ба вуҷуд оранд. Эҳтимол баъзе ашхос бар зидди шумо амал кунанд.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Қавсҳоро ҳафтаи ҷолибу пур аз воҳӯриҳои ғайриоддӣ интизор аст. Ба намуди зоҳирӣ ва тарзи рафтори худ бештар диққат диҳед, эҳтимол бо шахси муҳим шинос шавед. Аз ҷиҳати молиявӣ низ ҳафта мусоид аст, манбаи нави даромад метавонад ғайричашмдошт пайдо шавад.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ҳутҳо дар ҳафтаи нав бояд бештар ба эҳсоси ботинии худ такя кунанд. Агар нисбат ба коре дилпур набошед, пеш аз оғоз кардан хуб андеша намоед. Дар масъалаҳои рӯзғор низ аз қарорҳои саросемавор худдорӣ кунед. Ба саломатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоед.

# ДИЛСӮЗИ ВАТАНУ МИЛЛАТ

## Нависанда Адаш Истад 80-сола шуд

**"ҚАРЗИ ИНСОНӢ ВА ШАРАФИ ОДАМИСТ, КИ ҲАР ЯК ФАРД БАРОИ ПОЯНДАГИИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ХУД ВА БУЗУРГДОШТИ МАДАНИЯТИ ХАЛҚҲОИ ДИГАР САҲМ БИГИРАД".**



Ин навишта аз мақолаи устод Адаш Истад аст, ки ҳанӯз моҳи ноябри соли 1989 ба табъ расидааст. Яъне, Адаш Истад чун як каламкаши тоҷик дар саргаҳи талошу мубориза маърифатпарварии поёни солҳои Шуравӣ барои худшиносии миллӣ, гиромидошти забону фарҳанги миллӣ қарор дошт.

Дар он солҳо бо вуҷуди ошкорбаёнии Горбачёвӣ, гуфтану навиштани сухани ҳақ, даъват ба худшиносию истиқлоли фикрӣ чандон осон набуд, тавре ҳоло бисёриҳо меангоранд. Барои он ки нерӯҳои ҳанӯз қудратманди соҳибкурсӣ тамғаи "миллатчӣ", "зидди сиёсати ҳизб" нашуморанду бахри кору эҷод садди чинӣ эҷод накунанд, зиёиёни дилсӯзи ватану миллат хоставу даъвати худшиносии самимию таҳтидилиро ором, бо тамкин менавиштанд. Устод Адаш Истад аз ҳамин ҷумлаи мубориазони роҳи истиқлоли фикриву иҷтимоӣ буданд.

Адиб ва публитсисти шинохтаи тоҷик Адаш Истад (Истадов) 7-уми сентябри соли 1946 дар деҳаи Ӯташики ноҳияи деҳотии Самарқанди вилояти Самарқанд ба олам омадааст. Баъди ёздаҳ соли таҳсил дар мактаби рақами 16-и ноҳияи мазкур соли 1964 ба факултаи суханшиносии тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил шуда, онро соли 1969 бо дипломи имтиёзнок хатм мекунад.

Адаш Истад фаъолияти рӯзноманигориро соли 1969 дар идораи рӯзномаи ҷумҳурияти "Комсомоли Тоҷикистон" ба сифати ходими адабӣ шурӯъ кардааст. Сипас ӯ дар идораи рӯзномаи "Маданияти Тоҷикистон" (баъдтар он "Адабиёт ва санъат" ном гирифт), идораи Радиои Тоҷикистон дар шуъбаҳои гуногун адои вазифа мекунад. Дар ин солҳо ӯ радиопйесаеро бо номи "Таркиш" навишт, ки он дар хазинаи Радиои тоҷик ҳамчун аввалин пйесаи махсус барои радио ба тоҷикӣ навишташуда нигоҳ дошта мешавад. Ҳикояҳои илмӣ - хаёлии Адаш Истад аз соли 1966 ин ҷониб чоп мешаванд. Маҷмӯаҳои ӯ "Мавҷи хаёлот" (1970), "Суруди офтоб" (1974), "Замир" (1978), "Дарахти пахтачормағз" (1981), "Баъди ҳазор сол" (1988), "Оҳангҳои Самарқанд" (2007) ҳикояҳои дар жанри илмӣ - фантастикӣ навиштаи ӯро дар бар гирифтаанд. Ба ғайри ин ду бор мақолаҳои ӯ оид ба таърихи Самарқанд дар китоби "Армуғон" дар Ӯзбекистон чоп шудаанд.

Адаш Истад барои бачаҳо афсонаҳои адабӣ низ навиштаст. Асоси афсонаҳои ӯро ривоятҳои мардумие ташкил додаанд, ки худ аз мардуми Самарқанд солҳои гуногун шунидааст. Чунин афсонаҳои адабӣ дар маҷмӯаҳои ӯ "Парвози меъмор" (1985) ва "Чароғи сехрнок" (1989) чоп шудаанд.

Соли 1989 Адаш Истад дар маҷаллаҳои "Чашма" ва "Родник" барои хурдтаракон як силсилаи ҳикояҳоро ба табъ расонид, ки онҳо "Саргузашти Нахӯдак" номида шудаанд. Дар ин ҳикояҳо қаҳрамони афсонаҳои халқии тоҷикӣ Нахӯдак симои замонавӣ пайдо карда, ба як персонажи барои хурдтаракон шавқовар ва ибратомӯз табдил меёбад. Ин асарҳо давоми сабки афсонабофии бадеии ӯст, ки дар маҷмӯаҳои афсонаҳои ӯ равшан зоҳир шудаанд.

Адаш Истад дар жанри насри таърихӣ низ қувва озмудааст. Силсилаи ҳикояҳои таърихии (маҷмӯаҳои) "Борбад" (ба забони русӣ) ва "Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад" (1990)-и ӯ аз рӯзгори мусиқори бузурги Осиёи Марказӣ Борбади Марвазӣ нақл мекунанд ва дар шакли китоб ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ расидаанд.

Маҷмӯаи нави насру назми ӯ соли 2008 бо номи «Оҳангҳои Самарқанд» дар Душанбе чоп шудааст.

Адаш Истад муаллифи бисёр ҳикояҳои ҳаҷвӣ низ мебошад, ки онҳо дар маҷаллаи ҳаҷвии "Хорпуштак", маҷаллаи адабии "Садои Шарқ", рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" ва дигар нашрияҳо рӯи чопро дидаанд.

Адаш Истад соли 1975 узви Иттиҳодияи адибони шуравӣ гардид. Соли 1990 барои як силсила мақолаҳои дар рӯҳияи ошкорбаёнӣ навиштааш ӯ ба Ҷоизаи ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ мушарраф шуд.

Адаш Истад муаллифи мазҳакаҳои "Хӯса" (1995) ва "Шайтонпарӣ" (1996) низ мебошад. Театр-студияи "Овози Самарқанд" мазҳакаи "Хӯса"-ро соли 1995 дар таҳияи Артисти халқии Тоҷикистон Бурхон Раҷабов дар Самарқанд ба саҳна гузошт.

Адаш Истад то соли 1993 дар идораи ҳафтономаи адабии "Адабиёт ва санъат" ба сифати муовини сардабир адои вазифа мекард. Ӯ соли 1993 ба Самарқанд баргашта, дар идораи "Овози Самарқанд" дар вазифаи мудири шуъбаи маънавиёт ва баъд дар рӯзномаи "Овози тоҷик" паёмнигори вилоятӣ гардид.

Ҳикояҳои Адаш Истад ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ, украинӣ, беларусӣ, чехӣ, қирғизӣ, туркманӣ, озарӣ ва ғайра тарҷума ва чоп шудаанд. Адаш Истад низ бисёр ҳикояҳо ва радиопйесаҳои адибони кишварҳои гуногунро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Адаш Истад чанд соли охир, ки берун аз Тоҷикистон зиндагию эҷод доранд, бо ҳамон дилсӯзию бо ҳамон тамкин аз бузургдошти фарҳанги ниёкон аз зарурати рушди маорифу ҳунари миллӣ, аз ҳамсоягии неку бародарии бародарӣ мегӯянду менависанд. Бахусус навиштаҳои вақтҳои охири устод Адаш бо забони русӣ дар тарғиби осори ниёкон, дифоъ аз забону фарҳанги тоҷикӣ дар паҳнои Тоҷикзамин торафт аҳаммияту таъсиргузорӣ пайдо кардан доранд. Яъне, устод Адаш Истад рисолати маорифпарварӣ, рӯшангарӣ ва инсонгариро бо меҳру садоқат идома медиҳад.

Адаш Истад солҳои охир оид ба таърихи шаҳри Самарқанд зиёда аз 50 мақолаи илмию оммавӣ навишт, ки онҳо дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд» ва сайти интернетии Samarkandinfo.uz ба таб расиданд.

Адаш Истад моҳи феврали соли 2008 Веб-блоги худ «Герби шердор»-ро таъсис намуд, ки дар он шеъру ҳикояҳо ва мақолаҳояшро мегузорад.

80-умин баҳори умрашон хуҷаста бод!

**Ҳироншоҳ ШАРИФЗОДА,**
**устоди ДМТ**

## Диёри поки тоҷикон

**Ба ифтихори 35-умин солгарди Истиқлоли кишвари ҳамфарҳанг ва ҳамзабонамон — Тоҷикистони ҷон**

*Ватан! Сарсабзу ҷовидон, диёри поки тоҷикон,*
*Туӣ маҳди тамаддун, базмгоҳи хусравони ҷон.*
*Ба сиву панҷ сол пеш меҳри ҷовидона во шуд,*
*Дубора зинда шуд номат ба гетӣ шоҳи беҳамто.*
*Шукӯҳи қуллаҳои ту нишони истиқомат шуд,*
*Садои рӯди Омуят хурӯшон бо шаҳомат шуд.*
*Дирафши ковиёниро ба дасти азм бигрифтӣ,*
*Раҳи озодагӣ рафтан, ки расми номдорон шуд.*
*Забони нағзи Фирдавсӣ шуда ҷорӣ ба рағхоят,*
*Суруди мастиву шодӣ танинафкан ба лабхоят.*
*Умеду ишқ мебарад, аз ин маҳди Ҷаму ҳам Кай,*
*Ҷаҳоне моти ту гашта дар ин айёму рӯзи дӣ.*
*Ба поён омад ин дафтар,*
*ҳикоят ҳамчунон боқӣ,*
*Ба номат Собирӣ гӯяд*
*ҳадиси ишқу муштоқӣ.*



**Муҳаммадтақии СОБИРӢ,**
**дипломат, собиқ сафири ҶИ**
**Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## МАВЛУДНОМА

### 10 СЕНТЯБР

**Зариф Ибод** (1936), 90-солагии зодрӯзи шоир.

**Муҳиддин Музаффаров** (1946), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

**Салоҳиддин Самадов** (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Наҷот Сафаров** (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Ҳоҷибой Тоҷибоев** (1956-2008), 70-солагии зодрӯзи актёр-ширинкор, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

### 11 СЕНТЯБР

Кира Гуретская (1911-1989), 115-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Сотим Улуғзода** (1911-1997), 115-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, узви вобастаи АИ Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

### 12 СЕНТЯБР

**Маҳмадризо Ашӯров** (1956), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Михаил Битнер** (1911-1989), 70-солагии зодрӯзи журналист.

### 13 СЕНТЯБР

**Акбар Назаров** (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Аюбҷон Маҳмадҷонов** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Рустам Атоқулов** (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Иван Липатсев** (1941-2001), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Баҳроми Юсуфзод** (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

### 14 СЕНТЯБР

**Маҳбуба Шарифова** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Александр Ширшов** (1911-1982), 115-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

### 15 СЕНТЯБР

**Абдузуҳур Ғафурзода** (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Собирхон Мақсудов** (1951), 75-солагии зодрӯзи шоири Ӯзбекзабони Тоҷикистон.

**Абдулло Расулов** (1931), 95-солагии зодрӯзи журналист.

**Нозирҷон Раҳимов** (1926), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

### 16 СЕНТЯБР

**Мирзоқурбон Солиев** (1916-1996), 110-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Худойназар Маҳмадаминов** (1911-1994), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони меҳнати Сотсиалистӣ.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

## МЕФУРӮШАМ

### 4-ҲУҶРАГӢ

4-ҳуҷрагӣ, 103 м.м, қабати 7, бинои 9-ошёна, таъмири миёна, Диагностика, дар наздикияш мағоза, боғча, мактаб, поликлиника, мефурӯшам ё бо хона дар Москва иваз мекунам. Тел.: +7926-643-00-57 (ватсап)

## БӮСТОНСАРО

Мефурӯшам: бӯстонсарои душёнаи таҳхонадор, сохтмонаш нотамом, 6 сотих, ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Зайнабобод, кӯчаи Дарёбод-2, обу барқ дорад. Тел.: 907-58-01-86, 900-06-88-18

## ШАБОНАРӮЗӢ ИҶОРА МЕДИҲАМ

### 3-ҲУҶРАГӢ

Иҷора медиҳам: 3-ҳуҷрагӣ, қабати 8, Сирк. Тел.: 80-004-01-20

## ТАЪМИРИ ХОНА

Евроремонти хона. Нархҳои дастрас. Тел.: 1111-080-02

## УСТОИ КАФЕЛ

Устои бомаҳорати кафел, устои таҷҳизоти сантехникӣ. Тел.: 915-58-71-31

## МЕХАРАМ

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи ҷомашӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонот ва билети донишҷӯӣ ба номи Саидов Ахтамҷон Абрbörович, ки соли 2025 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидорӣ ба номи Темуров Файзиддин Убайдуллоевич, бо суроғаи ҷамоати шаҳраки М. Турсунзода, деҳаи Истиқлол, ноҳияи Рӯдакӣ, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ, МБТИ, №176179, аз 01.05.2026, номер: 67-001-000009-01-030, ба номи Каримова Гулчехра Мулло-Муминовна, ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ 13В, ҳ. 59, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ, №159925, аз 15.10.2025, ба номи Каримова Мавҷуда Ҳикматовна, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, хонаи 104, ҳ. 29, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1168067, ба номи Шарипов Абубакр Махмудҷонович, ки санаи 12.07.2023 аз ҷониби МТМУ №58-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ "Тезрасон Бор", РМА: 040072115, РЯМ: 0410049035, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## ЭЪЛОН

Таъмири яхдон бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

Пианинои нави олмонӣ (Zimmermann и Petrof) мефурӯшам. Тел.: 915-99-33-30

PRESSA .TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!



# ТАНГАҲОИ ХОТИРАВӢ БАХШИДА БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БА МУНОСИБАТИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАНГАҲОИ ХОТИРАВИИ ДОРОИ ТАРҲИ ВИЖА ВА МАЗМУНИ МИЛЛӢ-ВАТАНДӮСТИРО БА МУОМИЛОТ БАРОВАРД.**

Тавре БМТ 2 сентябр хабар дод, дар қисми пеши тангаҳо Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар зери он арзиши рақамии танга ҷойгир шудааст. Дар гирди танга навиштаҷоти «Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сабт гардидааст. Дар қисмати рости поёни доираи берунӣ бошад, холисӣ (иёр)-и филиз ва вазни танга нишон дода шудааст. Барои тангаҳои тилоӣ аломати «Au 999» ва барои тангаҳои нуқрагӣ «Ag 925» истифода шудааст. Дар тарафи дигари танга рамзи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ҷой дода шудааст. Дар маркази он маҷмааи «Истиқлол» тасвир ёфта, атрофи он манзараҳои табиии Тоҷикистон - кӯҳҳо, пиряххо, обу табиат - инчунин роҳ, нақб ва нерӯгоҳҳо ҷой гирифтаанд. Дар тарафи рости рамзи «Истиқлол» рақами 35 бо истифода аз рангҳои Парчами давлатии Тоҷикистон ҷой дода шудааст. Тангаҳои хотиравӣ ҳамчун намунаи нумизматикии марбут ба яке аз санаҳои муҳими таърихи муосири кишвар аҳаммияти фарҳангӣ ва таърихӣ доранд. Тибқи иттилои қаблии БМТ, хоҳишмандон метавонанд тангаҳои ҷашниро дар Бонки миллӣ ва шуъбаҳои минтақавии он дастрас намоянд. Тангаҳо дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 23/2, инчунин дар шуъбаҳои минтақавии БМТ дар Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ ва шаҳраки Ғарм пешниҳод мешаванд.

Бонки миллии Тоҷикистон солҳои охир ба муносибати ҷашнҳои давлатӣ, санаҳои муҳими таърихӣ ва бузургдошти чеҳраҳои барҷастаи фарҳангиву адабӣ тангаҳои хотиравӣ ва ҷашнӣ ба фурӯш мебарорад. Аз ҷумла, тангаҳои махсус ба муносибати 800-солагии Ҷалолиддини Румӣ ва 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ сикка зада шуда буданд.



# «ТОҶИКОН» БА ОЛМОНӢ НАШР ШУД

**КИТОБИ “ТОҶИКОН”-И БОБОҶОН ҒАФУРОВ БА ЗАБОНИ ОЛМОНӢ ТАРҶУМА ВА НАШР ШУД. ДАР ИН БОРА ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ РӮЗИ 3-ЮМИ СЕНТЯБР ХАБАР ДОДА, ГУФТ, КИ ИН КИТОБ БА МУНОСИБАТИ 35-УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ БА ЗАБОНИ ОЛМОНӢ ТАРҶУМА ШУДААСТ.**

Ба гуфтаи манбаъ, “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби дипломати тоҷик Соҳибназар Ғайратшо ба забони олмонӣ тарҷума ва мураттаб шуда, дар нашриёти олмонии “Ферлаг Восток Берлин” ба табъ расидааст. Манбаъ илова кардааст, ки таърихшиносону шарқшиносон аз Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, Амрико ва Ватикан дар тақризҳои навиштаи худ тарҷумаи ин китобро ба забони олмонӣ дар шинохти таъриху тамаддуни қадимаи миллати тоҷик нақшофар арзёбӣ кардаанд.

“Таъкид шудааст, ки тарҷумаи олмонии китоби “Тоҷикон” доираҳои илмӣ ва маъхазҳои шарқшиносии кишварҳои Ғарбро боз ҳам ғанӣ гардонида, ба ташаккули афкори илмӣ нисбат ба таъриху тамаддуни тоҷикон ва дигар халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳад кард”, - афзудааст Вазорати корҳои хориҷӣ.

ФУТБОЛ

# ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН БА ҶОМИ ОСИЁ-2027 РОҲ ЁФТАНД



**Дастаи мунтахаби футболбозони то-20 солаи Тоҷикистон ба марҳалаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2027 роҳ ёфт. Шогирдони Рустам Хоҷаев дар бозиҳои интихобӣ дар гурӯҳи "D" ҷойи якумро соҳиб шуда, ба марҳалаи ниҳоӣ баромаданд.**

Дар бозиҳои марҳалаи интихобӣ дар гурӯҳи "D" тими мунтахаби Тоҷикистон бо дастаҳои Урдун, Баҳрайн ва Афғонистон шомили як гурӯҳ буд. Дар бозии даври аввал дастаи Тоҷикистон бо тими мизбон - Баҳрайн бозӣ карда, бо ҳисоби 2:3 шикаст хӯрд. Дар бозии даври дуюм бо ҳисоби 4:1 Афғонистонро шикаст дод. Дар бозии ниҳоии марҳалаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 ҷавонони то 20-солаи Тоҷикистон ҳамсолони худ аз Урдунро бо ҳисоби 1:0 мағлуб карданд. Голро Муҳаммадҷон зад. Ҳамин тавр, дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-20) бо 6 имтиёз якум шуд ва ба марҳалаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2027 роҳхат гирифт.

Ҷоми Осиё-2027 аз 24-уми март то 10-уми апрел дар кишвари Чин баргузор мешавад. Дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон бори шашум дар таърих ба марҳалаи ниҳоии Ҷоми Осиё роҳ меёбад. Қаблан даста дар чемпионатҳои китъавии солҳои 2006, 2008, 2016, 2018 ва 2023 иштирок кардааст. Беҳтарин натиҷаи ҷавонони Тоҷикистон ин ба марҳалаи чаҳорякниҳоии мусобиқа роҳ ёфтан аст, ки солҳои 2016 ва 2018 буд.

БОКС

# МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК БА БОЗИҲОИ XX-УМИ ОСИЁ МЕРАВАНД

**Аз 19-уми сентябр то 4-уми октябр дар шаҳрҳои Айтӣ ва Нагояи Ҷопон Бозиҳои XX-уми Осиё баргузор мегардад. Дар мусобиқа варзишгарони 45 кишвари қора барои 217 маҷмуи нишонҳо мубориза мебаранд.**

Ҳайати Тоҷикистонро дар мусобиқа 117 варзишгар намояндагӣ мекунанд. Аз намуди бокс дар ин мусобиқаи бонуфуз Тоҷикистонро 10 муштзан - миёни мардон Меҳроҷ Суфиҷонов (55 кг), Акмал Убайдов (60 кг), Шамшер Саидов (70 кг), Некрӯз Салимов (80 кг), Парвиз Каримов (90 кг), Муҳаммад Аброриддинов (+90 кг) ва миёни бонувон Фариза Ёқубова (51 кг), Ҳангома Исоева (54 кг), Миҷгона Самадова (60 кг, Малика Нозимова (65 кг) муаррифӣ мекунанд. Мураббиҳо Саидхоҷа Мамуров, Парвиз Аҳмедов ва Рустам Музафаров роҳнамои ҳайати бокси Тоҷикистон дар мусобиқа мебошанд. Бозиҳои Осиёӣ ҳар чаҳор сол як маротиба баргузор мешавад. Дар охирин мусобиқа соли 2022 дар шаҳри Ҳангҷоуи Чин муштзанҳои тоҷик Давлат Болтаев (92 кг) нишони тило ва Миҷгона Самадова (57 кг) нишони биринҷӣ ба даст оварда буданд.



МУҲОРИБА

# ШИКАСТИ САНГИНИ МУҲАММАД НАИМОВ ДАР ПОРИС

**Дар мусобиқаи UFC Fight Night 287 дар Порис размикори тоҷик Муҳаммд Наимов дувумин шикасти пайдарпайи худро бо нокаут гузаронд.**

Муҳориба дар Порис барои Наимов муҳим буд. Пас аз бохт аз Майрон Сантос, ӯ бояд нишон медод, ки шикасти қаблии ӯ як вокеаи ногаҳонӣ буд, аммо таърих такрор ва боз ҳам дарднoктар шуд. Ӯ дар набард бо размикори Белжик Досе Кейта дар дақиқаи 2-юми раунди якум ба тариқи нокаут мағлуб шуд. Ҳоло рекорди Наимов 13 пирӯзӣ ва 5 бохтро ташкил медиҳад ва муҳимтар аз ҳама, бори аввал дар UFC ӯ дар ду муҳориба пай дар пай шикаст хӯрд. Бо вуҷуди бохти сангин Муҳаммад Наимов барои баромадаш дар UFC Fight Night 287 дар Порис тақрибан 81 000 доллар ба даст овард. Ин яке аз маблағҳои муҳими мусобиқа аст.

Маблағи асосии ӯ 75 000 доллар буд. Ӯ ҳамчунин дар Incentive Pay 6 000 доллар ҳамчун барномаи сарпарастӣ мегирад. Ҳамин тавр, даромади умумии ӯ 81 000 доллар хоҳад буд.



САМБО

# ДАР ДУШАНБЕ ҶОМИ ҶАҲОН БАРГУЗОР МЕШАВАД

**Рӯзҳои 19 ва 20-уми сентябр Душанбе - пойтахти Тоҷикистон барои дувумин соли пай дар пай яке аз мусобиқаҳои асосии байналмилалии самбо - Ҷоми ҷаҳонро баргузор мекунад.**

Мусобиқа аз се ришта - самбои варзишӣ, самбои ҷангӣ ва самбо барои нобиноён иборат хоҳад буд. Дар самбои варзишӣ мардон ва занон дар ҳафт вазн барои нишонҳо рақобат хоҳанд кард. Мардон дар вазнҳои 58, 64, 71, 79, 88, 98 ва болотар аз 98 кг ва занон дар вазнҳои 50, 54, 59, 65, 72, 80 ва болотар аз 80 кг рақобат хоҳанд кард.

Ҳамаи федератсияҳои самбои узви FIAS барои иштирок дар Ҷоми ҷахон даъват шудаанд. Аз ҳар кишвар то ду варзишгар дар ҳар вазн метавонанд ширкат варзанд. Иштирокчиён танҳо ба як ришта ва як вазн маҳдуд хоҳанд буд. Ҳайатҳо бояд рӯзҳои 17-18-уми сентябр ба Душанбе оянд.



РЕЗААХБОР



Тоҷикистон дар Бозиҳои 6-уми кӯчманчиён соҳиби 4 нишон (1 тило ва 3 биринҷӣ) шуд. Нишони тилоро Фирдавс Ёров дар куштии камарбандӣ дар вазни +100 кг соҳиб шуд. Дар куштии кураши қирғизӣ Наврӯз Каримзод (84 кг) сеюм шуд. Тӯйчибой Норкулов дар вазни 90 кг ва Наврӯз Эшбеков дар вазни 100 кг дар куштии саворӣ (бо асп) низ соҳиби нишонҳои биринҷӣ шуданд.

***

4-уми сентябр дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии Душанбе бозии байналмилалии дӯстона байни дастаҳои расонаҳои Тоҷикистон ва Русия баргузор шуд. Ин бозӣ ба 35-умин солгарди Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда буд. Дастаи Русия бо ҳисоби 4:3 пирӯз шуд. Дастаи Тоҷикистонро Петар Шегрт ва дастаи Русияро Леонид Слутский роҳбарӣ карданд.

***

Аз 15 то 27-уми сентябр дар Самарқанд Олимпиадаи 46-уми шатранҷи ФИДЕ баргузор мешавад, ки аз дастаи занонаи Тоҷикистон (ҷои 84-ум) Марворид Насриддинзода, Надежда Антонова, Рухшона Саидова, Нозанин Маҳмудова ва Шукрона Машрабова, аз дастаи мардона (ҷойи 61-ум) Меҳриддин Шарифов, Муҳаммад Хусейнхоҷаев, Мустафохӯҷа Хусейнхоҷаев, Илҳомӣ Ҷалолиддин ва Амин Қобилов ширкат мекунанд.

***

Ҷудокорони тоҷик Лоик Қутбуддинов (60 кг), Эмомалӣ Нуралӣ (66 кг), Муҳиддин Асадуллоев (73 кг), Абубакр Шеров (81 кг), Шодмон Ризоев (90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (100 кг), Мансур Раҳмон (+100 кг), Аҳлия Муминова (48 кг) ва Мадина Қурбонова (52 кг) дар Бозиҳои Осиё-2026 ширкат мекунанд. Дар Бозиҳо паҳлавонони 32 кишвари қора иштирок хоҳанд кард.

***

Паҳлавони тоҷик Қосим Сардоров дар мусобиқаи Pancrase 365 дар Токио паҳлавони маҳаллӣ Генпей Ҳаяширо бо нокаути техникӣ мағлуб кард ва унвони қаҳрамонии «Pancrase»-и худро бомуваффақият ҳимоя намуд.




## БИҲИШТ

Зан аз шавҳараш пурсид:
- Ман барои шумо кистам?
Шавҳар:
- Ту биҳишти ман ҳастӣ.
Зан:
- Пас, чаро модаратон маро зери по карда, таҳқир намоянд ҳам, хомӯш меистед.
Шавҳар:
- Ту биҳиштам ҳастӣ. Биҳишт бошад, дар зери пойи модарон аст...

## ТАЪРИХ

- Вақте ки ман дар мактаб мехондам,- гуфт марде ба писараш,- аз фанни таърих доим баҳои "5" мегирифтам, аммо ту бошӣ, фақат баҳои "3" мегирӣ.
Писар дар ҷавоб:
- Падарҷон, вақте ки шумо дар мактаб мехондед, таърих хеле кӯтоҳ буд.

## МОР

Муаллим:
- Толиб, мори айнакдор ба кадом гурӯҳи ҳайвонҳо дохил мешавад?
Талаба:
- Ба ҳайвонҳое, ки масофаи дурро дида наметавонанд.

## ШИРИН

Марде зариф зани зебоеро дида гуфт:
- Чӣ шавад, эй бону, агар рухсат фармоӣ, ки туро бичашам ва бубинам, ки ту ширинтарӣ ё зани ман?
Зан гуфт:
- Бирав, аз шавҳарам бипурс, ки ҳардуро чашидааст, то ӯ хотирнишони ту кунад.

## СЕ САБАБ

Аз муаллим пурсиданд:
- Се сабаби асосие, ки шумо касбатонро дӯст медоред?
Муаллим мегӯяд:
- Июн, июл, август!

## МАРД

Марде, ки бо ду борхалтаи пур аз бозор меомад, шиносашро ширакайф дида, гуфт:
- Номард, боз аз майхона меоӣ?
Гуфт:
- Мард аз майхона меояд, номард аз бозор.

## САНАИ НАВ

Ду ҳамсабақ баъди 10 соли хатми донишгоҳ вомехӯранд. Яке ба дигарӣ:
- Манижа, шунидам, ки ту дар почта кор мекунӣ ва ба мактубҳо тамға мегузорӣ. Ин кори якрангу дилгиркунунда аст...
- Не, Дилоромҷон! Хато мекунӣ, якранг нест! Ҳар рӯз санаи рӯз иваз мешавад!

## СУРУДХОНӢ

Писарчаи хурдсоле ҳамроҳи модараш дар боғ сайругашт мекунанд. Ногаҳон писарча бо овози баланд мегӯяд:
- Очаҷон, ман пешоб дорам.
Модараш ӯро ором карда, мегӯяд:
- Писарам, дар байни мардум ин хел нагӯ, айб аст. Суруд хондан мехоҳам бигӯ, ман худам мефаҳмам.
Рӯзи дигар, нисфи шаб писарча падарашро аз хоб бедор карда, мегӯяд:
- Падарҷон, ман суруд хондан мехоҳам.
- Бачаҷон, ҳама хобанд, ту ҳам хоб кун. Субҳ шавад, ҳарду якҷоя мехонем.
- Охир, ман ҳозир хондан мехоҳам,- исрор мекунад писарча.
- Хуб, паст-паст дар гӯши ман хондан гир, то дигаронро аз хоб бедор накунӣ,- мегӯяд падар.

## ҚИБЛА

Аз пурхӯре пурсиданд:
- Қибла кадом тараф?
Пурхӯр гуфт:
- Ҳамон тараф, ки дастархон бошад.

## "РОМАНТИК"

Як духтар ба дугонааш мегӯяд:
- Дӯстдоштаи ман хело "романтик" аст.
Дугонааш мепурсад:
- Чӣ гуна?
- Духтар:
Вақте дар капоти мошини гаронбаҳояш бо мех "Ман туро дӯст медорам" навиштам, аз гиря кариб ҷонаш барояд...

## ҶАБР

Устоде кори шогирд ба номи худ менавишт ва музд ба чайби хеш мезад. Шогирдро тоқат тоқ шуду гуфт:
- Ин чӣ ҷабр аст?
Устод гуфт:
- Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

